# فتاوى أركان الإسلام

# ФАТВОҲОИ АСОСҲОИ ИСЛОМ


لفضيلة الشيخ العلامة

محمد بن صالح العثيمين

رحمه الله تعالى

المترجم

شهاب الدين صالح التاجيكي

**МУАЛЛИФ**
**МУҲАММАД ИБНИ СОЛЕҲ УСАЙМИН**
**ТАРҶУМОН**
**ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ**

بسم الله الرحمن الرحيم

# ФАТВОҲОИ РӮЗА

**Саволи 392: Ҳикмат аз фарз шудани рӯза чист?**

Ҷавоб: Ҳаргоҳ мо ин фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалларо бихонем:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣ ﴾ البقرة: ١٨٣

"**Эй касоне ки имон овардаед, рӯза бар шумо фарз шудааст, чунон ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд фарз шуда буд, то парҳезгор шавед**". (Сураи Бақара, ояти: 183) Медонем, ки ҳикмат аз фарз шудани рӯза чи будааст ва он ҳамон тақво ва бандагӣ барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст ва тақво иборат аз тарк кардани ҳаромҳост ва тақво дар вақте ки мутлақ гуфта шавад: Шомили феъле ки ба он амршуда аст ва тарки ҳаромшудаҳо мебошад. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: "**Касе ки дурӯғгӯӣ ва ба он амал карданро тарк накунад ва ҷаҳлро тарк накунад, Аллоҳ ҳоҷате надорад, ки ӯ хӯрданӣ ва нӯшидании худро тарк кунад**" [1].

Бинобар ин бар шахси рӯзадор ба ҷо овардани воҷибҳо ва инчунин парҳез кардан аз суханҳо ва амалҳои ҳаромшуда таъкид мешавад, пас мардумро ғайбат намекунад ва дурӯғ намегӯяд ва дар миёни онон суханчинӣ намекунад ва савдои ҳаром намекунад ва аз ҳамаи ҳаромкардаҳо парҳез мекунад ва ҳаргоҳ инсон як моҳи пурра инро анҷом диҳад, пас нафсаш дар боқии сол рост хоҳад шуд.

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боб дар бораи касе ки сухани дурӯғ ва ба он амал карданро дар рӯза тарк накунад, рақами (1903).

Локин мутаассифона бисёри рӯзадорон байни рӯзи рӯза ва рӯзи ифторашон фарқе намегузоранд, пас онон бар одате ки бар он буданд, аз тарки воҷибҳо ва анҷоми ҳаромкардаҳо мебошанд. Ва ҳеҷ чизе аз бузургвории рӯзаро дар ӯ ҳис намекунӣ, ин амалҳо рӯзаро ботил намекунад, локин аҷру подоши онро кам мекунад ва шояд дар ҳангоми баробарӣ, он амалҳо бар аҷри рӯза бартарӣ ёфта ва аҷру подоши рӯзаро зоеъ кунад.

**Саволи 393: Инҷо касе аст ки бар пайвастани ҳамаи матолеъ ба матолеъи Макка нидо мекунад, аз рӯи кӯшиш кардан ба муттаҳид шудани уммат дар дохил шудани моҳи рамазони муборак ва ғайраш, пас назари ҷаноби шумо чист?**

**Ҷавоб:** Ин кор аз ҷиҳати фалакӣ номумкин аст, зеро ҷойҳои баромадани моҳ, ҳамонгуна ки Шайхи Ислом Ибни Таймия [1] раҳимаҳуллоҳ гуфта аст, ба иттифоқи аҳли маърифат ба ин илм, мухталиф мебошад ва вақте ки ин матолеъ мухталиф бошад, пас муқтазои далели асарӣ ва назарӣ ин аст, ки барои ҳар мантиқа ҳукми худаш бошад.

Аммо далели асарӣ, пас Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ﴾ البقرة: ١٨٥

"**Пас касе аз шумо ки моҳро дарёбад, бояд ки онро рӯза бигирад**". (Сураи Бақара, ояти: 185)

Агар фарз карда шавад, ки мардуме дар дуртарини замин моҳро мушоҳида накарданд ва аҳли Макка моҳро мушоҳида карданд, пас хитоб дар ин оят ба касоне ки

[1] Фатовои кубро (5/357).

моҳро мушоҳида накардаанд, чигуна тавҷеҳ карда мешавад?! Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ба дидани моҳ (моҳи Рамазон) рӯза бигиред ва ба дидани моҳ (моҳи Шаъбон) ифтор кунед**" [1]. Ҳадиси муттафақун алайҳ аст.

Ҳаргоҳ аҳли Макка масалан моҳро диданд, чигуна аҳли Покистон ва ғайри онон аз аҳли машриқро лозим мегардонем, ки рӯза бигиранд, бо вуҷуди ин ки мо медонем, ки моҳ дар уфуқи онон набаромадааст ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯза гирифтанро ба дидани моҳ мутааллиқ гардондааст.

Аммо далели назарӣ, пас ҳамон қиёси дуруст аст, ки имкони мухолафатро надорад, пас мо медонем, ки субҳ дар шарқи замин пеш аз ҷиҳати ғарбии замин медамад, пас ҳаргоҳ субҳ дар ҷиҳати шарқӣ бидамад, оё моро лозим меояд, ки аз хӯрдан бозистем ва ҳоло он ки дар мо шаб аст? Ҷавоб: Не.

Ва ҳаргоҳ офтоб дар ҷиҳати шарқӣ нишинад ва локин мо дар рӯз қарор дорем, оё барои мо ҷоиз аст, ки ифтор кунем? Ҷавоб: Не.

Инҳангом моҳ комилан монанди офтоб аст, пас тавқити моҳ, тавқити моҳона аст ва тавқити офтоб тавқити рӯзона аст. Ва зоте ки фармудааст:

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби сухани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ҳаргоҳ моҳро дидед...", рақами (1909) ва Муслим, китоби Рӯза, боби фарз шудани рӯзаи Рамазон ба дидани моҳ, рақами (1081).

﴿ أُحِلَّ لَكُمۡ لَيۡلَةَ ٱلصِّيَامِ ٱلرَّفَثُ إِلَىٰ نِسَآئِكُمۡۚ هُنَّ لِبَاسٞ لَّكُمۡ وَأَنتُمۡ لِبَاسٞ لَّهُنَّۗ عَلِمَ ٱللَّهُ أَنَّكُمۡ كُنتُمۡ تَخۡتَانُونَ أَنفُسَكُمۡ فَتَابَ عَلَيۡكُمۡ وَعَفَا عَنكُمۡۖ فَٱلۡـَٰٔنَ بَٰشِرُوهُنَّ وَٱبۡتَغُواْ مَا كَتَبَ ٱللَّهُ لَكُمۡۚ وَكُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ ٱلۡخَيۡطُ ٱلۡأَبۡيَضُ مِنَ ٱلۡخَيۡطِ ٱلۡأَسۡوَدِ مِنَ ٱلۡفَجۡرِۖ ثُمَّ أَتِمُّواْ ٱلصِّيَامَ إِلَى ٱلَّيۡلِۚ وَلَا تُبَٰشِرُوهُنَّ وَأَنتُمۡ عَٰكِفُونَ فِي ٱلۡمَسَٰجِدِۗ تِلۡكَ حُدُودُ ٱللَّهِ فَلَا تَقۡرَبُوهَاۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ ءَايَٰتِهِۦ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمۡ يَتَّقُونَ ١٨٧ ﴾ البقرة: ١٨٧

**"Ҳамбистарӣ бо занонатон дар шаби моҳи рӯза бар шумо ҳалол шуд. Онҳо пӯшиши шумоянд ва шумо пӯшиши онҳоед. Аллоҳ медонист, ки шумо шумо бо хештан хиёнат меварзед, пас тавбаи шуморо пазируфт ва шуморо авф кард. Акнун бо онҳо ҳамбистар шавед ва он чиро ки Аллоҳ бар шумо муқаррар гардонидааст, талаб кунед ва бихӯреду биёшомед то риштаи равшани субҳдам дар торикии шаб ошкор шавад. Ва рӯзаро ба шаб бирасонед. Ва чун дар масҷид эътикоф нишастед, бо занон ҳамбистар нашавед. Инҳо ҳудуди фармони Аллоҳ аст, ба он наздик машавед. Аллоҳ ёятҳои худро инчунин баён мекунад, бошад ки ба парҳезгорӣ бирасанд**". (Сураи Бақара, ояти: 187) Ҳамон зотест, ки фармуд: ﴿ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُ ﴾ البقرة: ١٨٥ "**Пас касе аз шумо моҳро дарёфт, пас онро рӯза дорад**", пас муқтазои далели асарӣ ва назарӣ ин аст, ки барои ҳар ҷой ҳукми хоссе ба он гардонем ва ин чиз ба як нишонаи ҳиссӣ марбут мешавад, ки Аллоҳ таъоло онро дар китоби худ ва Паёмбараш саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар суннати худ

муқаррар намуда, огоҳ бошед он дидани моҳ ва мушоҳидаи офтоб ва дамидани субҳ аст.

**Саволи 394: Ҳаргоҳ шахси рӯзадор аз шаҳре ба шаҳри дигар рафт ва дар шаҳри аввал дидани моҳи Шаввол эълон карда шуд, оё аз рӯи пайравии онон ифтор мекунад, бо донистани ин ки мардуми шаҳри дуввум ҳануз моҳи Шавволро надидаанд?**

**Ҷавоб:** Ҳаргоҳ инсон аз як шаҳри исломӣ ба дигар шаҳри исломӣ рафт ва шаҳре ки ба сӯи он рафтааст, ифторашон (идашон нисбати ба шаҳри аввал) дер шуд, дар ин ҳолат бояд ҳамроҳи мардуми шаҳри дуввум бар рӯзаи худ боқӣ монад, то ки онҳо ифтор кунанд, зеро рӯза рӯзест, ки мардум рӯза мегиранд ва фитр (ид) рӯзе аст, ки мардум ифтор (ид) мекунанд ва қурбонӣ рӯзест, ки мардум қурбонӣ мекунанд. Ин корро бояд бикунад, агарчи як рӯз ё бештар афзуда ҳам шавад, зеро он монанди ин аст ки ба як кишвари дигаре сафар кунад, ки нишастани офтоб дар он дер мешавад, шояд аз рӯзҳои одатӣ ду соат ё се соат ё бештар аз он биафзояд ва низ ба хотири ин ки агар ба кишвари дуввум рафт, ки моҳ дар он мушоҳида нашудааст ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда ки рӯза нагирем, магар ба дидани моҳ ва инчунин фармуд: "**Ба дидани моҳ ифтор (ид) кунед**" [1].

Аммо дар акси ин ҳолат монанди ин ки аз кишваре рафт, ки моҳи (Рамазон) дар он дер собит шудааст, ба кишваре ки моҳ дар он пеш собит шудааст, дар ин ҳолат вай бо онон (мардуми кишвари дуввум) якҷо ифтор меку-

[1] Тахриҷаш дар фатвои собиқ гузашт.

над ва рӯзаи он чи аз ӯ аз Рамазон фавт шудааст, қазо мегирад, агар як рӯз фавт шуда аст, як рӯз қазо мегирад ва агар ду рӯз фавт шудааст, ду рӯзро қазо мегирад. Ва мо гуфтем, ки дар масъалаи дуввум қазо мегирад, ба хотири ин ки моҳ имкон надорад, ки аз бисту нуҳ рӯз кам бошад, ё аз си рӯз зиёд шавад ва ба ӯ гуфтем: (Бо мардум якҷо) ифтор кун, агарчи бисту нуҳ рӯзро комил накарда бошӣ, зеро моҳи Шаввол дида шудааст ва вақте ки дида шуд а зифтор кардан чорае нест ва чун ту камтар аз бисту нуҳ рӯз рӯза гирифтаӣ бар ту лозим аст, ки бисту нуҳ рӯзро комил кунӣ, зеро имкон надорад, ки моҳ аз бисту нуҳ кам шавад. Ин масъала ба хилофи масъалаи аввал аст, ки ту ифтор карда наметавонӣ то моҳ дида нашавад ва агар дида нашуд, ту ҳануз дар Рамазон мебошӣ, пас чигуна метавонӣ ифтор кард?! Пас бар ту рӯза гирифтан лозим шуд ва агарчи моҳ бар ту зиёд шавад, пас он монанди зиёд шудани соатҳои рӯз аст.

**Саволи 395: Назари фазилати шумо оиди касе ки амалаш душвор аст ва рӯза гирифтан бар ӯ сахтӣ мекунад, чист, оё барои ӯ ҷоиз аст, ки рӯзаашро бихӯрад?**

**Ҷавоб:** Назари ман дар ин масъала ин аст, ки хӯрдани рӯза ба хотири кор ҳаром ва нораво аст ва ҳаргоҳ ҷамъ кардан байни кор ва рӯза имкон надошта бошад, пас дар моҳи Рамазон рухсат бигирад, то барояш дар моҳи Рамазон рӯза гирифтан муяссар шавад, зеро рӯзаи Рамазон рукне аз аркони Ислом аст, дар он халал ворид кардан ҷоиз намебошад.

**Саволи 396: Духтари хурдсоле ҳайз дидааст ва дар рӯзҳои ҳайз аз рӯи нодонӣ рӯза гирифтааст, пас бар ӯ чӣ чиз воҷиб мегардад?**

**Ҷавоб:** Бар ӯ воҷиб аст, ки рӯзаҳое ки дар рӯзҳои ҳайз гирифтааст, қазо дорад, зеро рӯза дар рӯзҳои ҳайз қабул намешавад ва дуруст намешавад ва агарчи надониста бошад, зеро барои вақти қазо ҳеҷ ҳадде таъйин нашуда аст.

Инҷо масъалае бар акси ин масъала аст, зане дар хурдсолияш ҳайз дид, пас шарм дошт, ки ба хонадонаш хабар диҳад, пас рӯза намегирифт, пас бар ин зан воҷиб аст, ки моҳеро, ки рӯза надошта аст, қазо гирад, зеро зан вақте ҳайз дид, мукаллаф мегардад, зеро ҳайз яке аз нишонаҳои балоғат аст.

**Саволи 397: Марде ба хотири касби хӯрокаи худ ва зердастонаш аз фарзандонаш рӯза нагирифт, пас ҳукми он чист?**

**Ҷавоб:** Ин марде ки ба хотири касби хӯрокаи худ ва фарзандонаш рӯза нагирифтааст, ҳаргоҳ инро аз рӯи таъвил карда бошад, яъне гумон карда бошад, ки барои бемор ифтор кардан ҷоиз аст, пас барои касе ки қудрати касб кардани хӯрокаро надорад, магар ба ифтор кардан, барояш ифтор кардан ҷоиз мебошад, пас ин таъвилгар аст ва моҳи Рамазонро қазо медорад, агар зинда бошад, ё агар мурда бошад, аз тарафи ӯ рӯза дошта мешавад, агар валияш аз тарафи ӯ рӯза надорад, пас аз тарафи ӯ дар ивази ҳар рӯз як мискинеро таом медиҳад.

Аммо агар рӯзаро бетаъвил (дониста) тарк карда бошад, пас сухани бартар аз суханони олимон раҳимаҳумуллоҳ ин аст, ки ҳар ибодати вақтакие ки инсон онро аз вақташ беузр хориҷ кунад, пас он ибодат аз ӯ қабул намешавад. Албатта ба амали солеҳ ва нафлҳои зиёд ва талаби мағфират иктифо мекунад ва далели ин фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар ривояте ки аз Ӯ ба таври саҳеҳ омадааст: "**Касе амале кунад, ки бар он амри мо нест, пас он амал радшуда аст**" [1], ҳамчуноне ки ибодати вақтакӣ пеш аз вақташ анҷом дода намешавад, пас инчунин пас аз вақташ низ анҷом дода намешавад, вале агар онҷо узре монанди нодонӣ ва фаромушӣ бошад, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавзӯи фаромушӣ фармудааст: "**Касе ки дар вақти намоз дар хоб монд ва онро фаромуш кард, бояд вақте ки онро ёдаш омад, адо кунад, барои он кафорае ҷуз ин нест**" [2], бо ин ки ҷаҳл ниёз ба баёни муфассал дорад, ки инҷо ҷои зикраш нест.

**Саволи 398: Узрҳое, ки рӯза нагирифтанро мубоҳ мегардонад, чист?**

**Ҷавоб:** Узрҳое ки рӯза хӯрданро мубоҳ мегардонад: Беморӣ ва сафар аст, чунончи дар Қуръон  омадааст. Ва аз узрҳо ин аст, ки зани ҳомил бар худаш ё бар фарзандаш хавф барад ва боз аз узрҳо ин аст, ки зани ширдеҳ ҳаргоҳ рӯза дорад, бар худаш ё бар кӯдаки ширхорааш битарсад ва боз аз узрҳо ин аст, ки инсон ба ифтор мӯҳтоҷ шавад, ба

---

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи (  ) гузашт.

[2] Ривояти Муслим, китоби Масҷидҳо, боби қазои намози фавтшуда, рақами (314).

хотири наҷот додани бегуноҳе аз ҳалокат, монанди ин ғарқшудае дар баҳрро ёбад, ё шахсеро, ки оташ ӯро иҳота карда бошад, пас барои наҷот додани ӯ ба ифтор мӯҳтоҷ шавад, пас барои ӯ раво аст, ки ифтор кунад ва ӯро наҷот диҳад. Аз ҷумлаи узрҳо боз ин аст, ки инсон ба ифтор кардан мӯҳтоҷ шавад, то ки барои ҷиҳоди дар роҳи Аллоҳ боқувват шавад, ин аз сабабҳои мубоҳ шудани ифтор барои ӯ мебошад, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ғазваи Фатҳ ба ёронаш фармуд: "**Фардо шумо бо душман рӯ ба рӯ хоҳед шуд ва рӯзаро хӯрдан боиси қуввати бештар бароятон мегардад, пас рӯзаро бихӯред**" [1], ҳангоме ки сабаби мубоҳ шудани рӯза хӯрдан ёфт шавад ва ба сабаби он инсон рӯзаро хӯрд, пас бар ӯ бозистодан дар боқии рӯз лозим намеояд, агар фарз кунем, ки шахсе ба хотири наҷоти бегуноҳе аз ҳалокат рӯзаро хӯрд, пас ӯ давоми рӯз ҳам ифтор мекунад ва агарчи пас аз наҷот доданаш бошад, зеро ӯ рӯзаро ба хотири як сабаби мубоҳ ифтор кардааст, пас инҳангом ба ӯ аз хӯрдан бозистодан лозим намеояд, аз рӯи рафтани ҳурмати он рӯз ба сабабе ки рӯза хӯрданро мубоҳ мегардонад. Аз ин ҷиҳат мо дар ин масъала қавли бартарро мегӯем: Агар бемор дар миёнаи рӯз шифо ёфт ва рӯзаро хӯрда буд, пас ӯро бозистодан аз хӯрдан дар давоми рӯз лозим намеояд. Ва агар мусофир дар миёнаи рӯз ба сӯи шаҳраш бозгашт ва рӯзаро хӯрда буд, пас ӯро бозистодан аз хӯрдан дар давоми рӯз лозим намеояд. Ва агар зани ҳоиз дар миёнаи рӯз аз ҳайз

[1] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боби аҷри ифторкунанда дар сафар, ҳаргоҳ кор кунад, рақами (1120).

пок шуд, пас ӯро бозистодан аз хӯрдан дар давоми рӯз лозим намеояд, зеро ҳамаи инҳо ба сабаби мубоҳгардонандаи ифтор ифтор кардаанд, пас он рӯз дар ҳаққи онон ҳурмати рӯзаро надорад, ба хотири раво доштани шариат рӯза хӯрданро барои онон дар он рӯз, пас худдорӣ аз хӯрдан бар онон лозим нест.

Ин масъала ба хилофи он аст, ки даромадани моҳи муборакии Рамазон дар миёнаи рӯз собит гардад, ки дар инҳангом худдорӣ аз ифтор бар вай лозим мебошад ва фарқ миёни ин ду масъала возеҳ мебошад, зеро агар дар ҳангоми рӯз далели (даромадани моҳи Рамазон) барпо шуд, онгоҳ собит мегардад, ки худдорӣ дар он рӯз барояшон воҷиб аст, лекин онҳо пеш аз барпо шудани далел ба сабаби ҷаҳл ва нодонӣ маъзуранд ва ба ҳамин хотир агар онон олим мебуданд, ки имрӯз аз моҳи Рамазон аст, худдорӣ аз ифтор барояшон лозим мешуд. Аммо ин қавми дигаре ки ба онҳо ишора кардем ифтор барояшон бо вуҷуди донистан мубоҳ аст, пас фарқ миёни инҳо ошкор аст.

**Саволи 399: Марде шаби аввали моҳи Рамазон, пеш аз собит шудани моҳи Рамазон хоб рафт ва шаб нияти рӯзаро накард, аммо баъд аз дамидани субҳ донист, ки имрӯз аз моҳи Рамазон аст, пас дар монанди ин ҳолат чӣ бояд кард? Оё он рӯзро қазо медорад?**

**Ҷавоб:** Ин марде ки дар шаби аввали моҳи Рамазон, пеш аз собит шудани моҳи Рамазон хоб рафт ва шаб нияти рӯзаро накард, сипас бедор шуд ва баъд аз дамидани субҳ донист, ки имрӯз аз моҳи Рамазон аст, вақте донист бар ӯ худдорӣ аз хӯрдану нӯшидан воҷиб мешавад ва дар назди

ҷумҳури олимон бар ӯ қазо доштани он рӯз воҷиб мешавад. Дар ин масъала то ҷое ки медонам касе хилоф надорад, ҷуз Шайхи Ислом Ибни Таймия [1] раҳимаҳуллоҳ, ки гуфтааст: Ҳамоно ният тобеъи илм аст ва ин шахс надониста аст, пас вай узр дорад, ӯ ниятро дар шаб баъд аз донистанаш тарк накардааст, локин надониста аст ва ҷоҳил узрдор аст, бинобар ин аз вақти донистанаш худдорӣ кард, пас рӯзааш саҳеҳ мебошад ва бар вай бинобар ин қавл қазо воҷиб намешавад.

Аммо ҷумҳури олимон, Аллоҳ онҳоро раҳмат кунад, гуфтанд: Ӯро худдорӣ кардан ва қазо доштан лозим мешавад ва иллати онро чунин баён намуданд, ки як ҳиссаи аз он рӯз аз вай беният фавт шудааст.

Он чиро, ки ман дар ҳаққи ин мард мебинам, ин аст ки аз боби эҳтиёт ин рӯзро қазо дорад.

**Саволи 400: Инсоне ба хотири узре рӯзаро хӯрд ва дар миёнаи рӯз, узр аз байн рафт, оё боқимондаи рӯзро рӯза медорад?**

**Ҷавоб:** Рӯза доштани боқимондаи рӯз бар ӯ лозим нест, зеро ин мард ин рӯзро ба далели шаръӣ мубоҳ гардонида аст, масалан шариат барои музтар (дармонда) хӯрдани даворо мубоҳ гардондааст, ки даво бихӯрад, локин ӯ ҳаргоҳ хӯрд, рӯзааш мешиканад, инҳангом ҳурмати он рӯз дар ҳаққаш собит нест, зеро барояш мубоҳ гардонида шуд, ки рӯзаро бихӯрад, локин бар вай қазо доштан лозим аст. Ва лозим гардонидани мо ин шахсро ба бозистодан аз ифтор бефоидаи шаръӣ барои вай, рост намеояд, пас модоме

[1] Маҷмӯъи фатово (25/101)-ро назар кунед!

ки ин инсон ба бозистодан аз ифтор фоида намебарад, пас рӯза доштанро бар ӯ лозим намегардонем.

Мисоли ин, ин аст ки марде шахсеро дид, ки дар об ғарқ мешавад ва гуфт: Агар об бинӯшам, метавонам ӯро наҷот диҳам ва агар об нанӯшам, наметавонам ӯро наҷот диҳам, пас об менӯшад ва ӯро наҷот медиҳад ва боқимонади он рӯзро мехӯрад ва менӯшад, зеро имрӯз дар ҳаққи ин мард муҳтарам намебошад, чаро ки ба муқтазои шариат онро мубоҳ гардонидааст, пас бар вай худдории боқимондаи рӯз лозим намеояд. Аз ин рӯ, агар онҷо шахси бемор бошад, оё ба ин бемор мегӯем, ки нахӯр магар вақте ки гурусна шудӣ ва нанӯш магар вақте ки ташна шудӣ? Ба ин маъно ки нахӯр ва нанӯш магар ба қадри зарурат, барои бемор инро намегӯем, зеро барои бемор ифтор кардан мубоҳ гардонда шудааст. Ҳар касе ки дар моҳи Рамазон ба муқтазои далели шаръӣ рӯзаро хӯрд, дар ҳаққи вай худдории боқии рӯз лозим нест ва акси ин масъала бар акси ин ҳукм аст. Агар касе беузр рӯзаро хӯрд, бар вай худдорӣ лозим мешавад, зеро барои вай ҳалол нест, ки рӯзаро бихӯрад. Албатта ҳурмати ин рӯзро беиҷозаи шариат поймол кардааст, пас мо бар ӯ рӯза гирифтани боқии рӯз ва қазо доштанро лозим мегардонем. Ва Аллоҳ донотар аст.

**Саволи 401: Зане ба бемории бастагии рагҳои хунгард гирифтор шуда ва табибон ӯро аз рӯза доштан манъ кардаанд, пас ҳукми ин масъала чист?**

**Ҷавоб:** Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ شَهۡرُ رَمَضَانَ ٱلَّذِيٓ أُنزِلَ فِيهِ ٱلۡقُرۡءَانُ هُدٗى لِّلنَّاسِ وَبَيِّنَٰتٖ مِّنَ ٱلۡهُدَىٰ وَٱلۡفُرۡقَانِۚ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلۡيُسۡرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلۡعُسۡرَ ﴾ البقرة: ١٨٥

"**Моҳи Рамазон аст, ки Қуръон дар он нозил шудааст, (китобе) ки роҳнамои мардум аст ва нишонаҳо ва далелҳои ошкор ва равшан аз ҳидоят ва ҷудокунандаи ҳақ аз ботил аст. Пас ҳар кас аз шумо ин моҳро дарёбад, бояд ки онро рӯза бидорад ва ҳар кас ки бемор ё дар сафар буд, пас рӯзҳои дигарро рӯза бидорад. Аллоҳ барои шумо осонӣ мехоҳад ва барои шумо душворӣ намехоҳад**". (Сураи Бақара, ояти: 185)

Ҳаргоҳ инсон беморе бошад, ки умеди шифо надошта бошад, пас вай дар ивази ҳар рӯз як мискинро таом медиҳад. Тарзи таом додан ин аст, ки бар мискинон ғизое аз биринҷ тақсим кунад ва беҳтар аст, ки бо биринҷ хӯриш аз гушт ва ғайраш бошад, ё мискинонро ба хӯроки шом ё ба хӯроки нисфирӯзи даъват намояд ва барояшон таом диҳад. Ин ҳукми беморест, ки умеди шифо ёфтанро надорад. Ин зане ки саволкунанда аз он ёд кардааст, аз ҳамин навъи беморӣ аст, пас бар вай воҷиб аст, ки дар ивази ҳар рӯз як мискинро таом диҳад.

**Саволи 402: Намози мусофир ва рӯзаи вай кай ва чигуна мебошад [1]?**

**Ҷавоб:** Намози мусофир аз замоне ки аз шаҳраш мебарояд то баргаштанаш ду ракаат мебошад, аз рӯи гуфтаи

[1] Дар инҷо намозро зикр кардам, аз рӯи ҳифз кардани худи фатво.

Оиша разияллоҳу анҳо: "**Аввалин бор, ки намоз фарз шуд, ду ракаат фарз шуда буд, пас намози сафар бар ҳамин ду ракаат қарор гирифт ва намози ҳазар тамом карда шуд**", ва дар ривояти дигар чунин гуфтааст: "**Ва дар намози ҳазар афзуда шуд**"[1], ва Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: "**Бо ҳамроҳи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Мадина ба сӯи Макка баромадем, пас то ин ки ба Мадина баргаштем намозҳоро ду ракаат ду ракаат хонданд**" [2].

Локин ҳаргоҳ мусофир бо имоме хонад, ки имом пурра мехонад, мусофир чор ракаат мехонад, хоҳ аз аввали намоз дарёфта бошад ё чизе аз онро фавт карда бошад, аз рӯи умуми будани фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Ҳаргоҳ иқоматро шунидед, пас ба сӯи намоз равед ва бар худатон оромиш ва вақорро лозим гиред ва шитоб накунед, пас он чиро дарк кардед, пас бихонед ва он чи аз шумо фавт шуд, пас пурра созед**" [3],

Пас умуми фармудаи Ӯ: "**Пас он чиро дарк кардед, пас бихонед ва он чи аз шумо фавт шуд, пас пурра созед** ", шомили мусофироне мешавад, ки аз пушти имоме мехонад, ки чаҳор ракаат мехонад ва шомили ғайрашон мешавад. Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо пурсида шуд: Сабаб чист, ки мусофир танҳо хонад, ду ракаат мехонад ва

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби қаср хондани намоз, боби қаср мехонад, ҳаргоҳ аз мавзеъаш хориҷ шавад, рақами (1090) ва Муслим, китоби намози мусофирон ва қасри он, боби намози мусофирон ва қасри он, рақами (685).

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби қаср хондани намоз, боби он чи дар мавзӯи қаср хондан омадааст, рақами (1081) ва Муслим, китоби намози мусофирон ва қасри он, боби намози мусофирон ва қасри он, рақами (693).

[3] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

ба муқим иқтидо кунад, чор ракаат мехонад? Фармуд: "**Суннат ҳамин аст**".

Намози ҷамоат аз мусофир соқит намешавад, чаро ки Аллоҳ таъоло дар ҳоли ҷанг ба намози ҷамоат амр карда фармуд:

﴿ وَإِذَا كُنتَ فِيهِمۡ فَأَقَمۡتَ لَهُمُ ٱلصَّلَوٰةَ فَلۡتَقُمۡ طَآئِفَةٞ مِّنۡهُم مَّعَكَ وَلۡيَأۡخُذُوٓاْ أَسۡلِحَتَهُمۡۖ فَإِذَا سَجَدُواْ فَلۡيَكُونُواْ مِن وَرَآئِكُمۡ وَلۡتَأۡتِ طَآئِفَةٌ أُخۡرَىٰ لَمۡ يُصَلُّواْ فَلۡيُصَلُّواْ مَعَكَ ﴾

"**Ва чун (вақти тарс) дар миёни онҳо бошӣ ва барои онҳо намоз барпо кардӣ, бояд дастае аз онҳо бо ту намоз хонад ва бояд силоҳҳояшонро бо худ бигиранд. Ва чун саҷда карданд (ва намозро тамом карданд) бояд (дастаи дуввум) пушти саратон бошанд ва бояд он дастае ки намоз нахондаанд, биёянд ва бо ту намоз бихонанд**". (Сураи Нисо, ояти: 102)

Бинобар ин мусофир вақте ки дар шаҳри дигаре ғайр аз шаҳри худ бошад, бар вай воҷиб аст, ки намози ҷамоатро дар масҷид бихонад, ҳаргоҳ азонро шунавад, магар ин ки дур бошад ё аз гум кардани ҳамсафаронаш метарсад, аз рӯи умуми далелҳое ки бар воҷиб будани намози ҷамоатро бар касе ки азон ё иқоматро мешунавад, далолат дорад.

**Аммо дар хондани намозҳои нафлӣ**: Мусофир ҳамаи намозҳои нафлӣ ҷуз суннати пешин, шом ва хуфтанро мехонад, пас намози витр, намози шаб, намози зуҳо ва суннати фаҷр (субҳ) ва дигар намозҳои нафлӣ ғайри суннатҳои ротибаеро, ки истисно намудем, мехонад.

Аммо ҷамъи намозҳо: Агар равон бошад, пас беҳтар аст ки миёни намози пешин ва намози аср ва миёни намози

шом ва намози хуфтан ҷамъ намояд, ё ҷамъи тақдим кунад (пешину асрро дар вақти пешин хонад) ва ё ҷамъи таъхир (шому хуфтанро дар вақти хуфтан хонад), ҳар кадомаш ки барояш осонтар бошад ва ҳар қадар осонтар бошад, беҳтар аст.

Ва агар равон набошад, пас беҳтар ин аст, ки ҷамъ накунад ва агар ҷамъ кунад, боке надорад, зеро ҳар ду кор аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст.

Аммо рӯзаи мусофир дар моҳи Рамазон: Пас беҳтар аст, ки рӯза дорад ва агар рӯза надорад, боке надорад ва рӯзҳоеро, ки хӯрдааст қазо медорад, магар ин ки рӯза хӯрдан дар сафар барояш осонтар бошад, пас рӯза хӯрдан беҳтар аст, зеро Аллоҳ таъоло дӯст медорад, ки ба рухсатҳояш амал карда шавад ва ҳамду сипос барои Аллоҳ ки Парвардигори оламиён аст, мебошад.

**Саволи 403: Ҳукми рӯзаи мусофир бо вуҷуди машаққат чист?**

**Ҷавоб:** Ҳаргоҳ рӯза бар вай машаққате орад, ки бардошта мешавад, пас рӯза доштан макрӯҳ аст, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мардеро дид, ки бар вай соя карда мешавад ва мардум дар атрофи вай ҷамъ омадаанд, пас фармуд: "**Ба ин мард чӣ шудааст?**". Гуфтанд: Рӯзадор аст, пас фармуд: "**Дар сафар рӯза гирифтан аз амалҳои нек нест**" [1].

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои касе ки соябонӣ карда шуд ва сахт гарм шуд: "**Дар сафар рӯза гирифтан аз амалҳои нек нест**", рақами (1946) ва Муслим, китоби Рӯза, боби ҷоиз будани рӯза ва ифтор дар моҳи Рамазон барои мусофир бемаъсият..., рақами (1115).

Аммо ҳаргоҳ бар вай машаққати сахт орад, пас бар вай рӯза нагирифтан воҷиб аст, зеро Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақте мардум дар назди Ӯ шикоят карданд, ки рӯза бар онон машаққат меорад, ифтор кард, сипас барояш гуфта шуд: Баъзе мардум рӯза гирифтанд, пас фармуд: "**Онҳо нофармонанд, онҳо нофармонанд**" [1].

Аммо бар касе ки рӯза машаққат намеорад, пас беҳтар аст ки аз рӯи иқтидо кардан ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯза бигирад, чаро ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯза мегирифтанд. Ҳамчуноне ки Абӯдардо разияллоҳу анҳу гуфт: "Мо бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар моҳи Рамазон дар як гармои сахте қарор доштем ва мо касе рӯзадор набуд, ҷуз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа" [2].

**Саволи 404: Ҳукми рӯзаи мусофир бо ин ки рӯза бар рӯзадор дар ин вақт аз рӯи зиёд будани василаҳои нақлиёти нав душвор нест, чист?**

Ҷавоб: Мусофир иҷозат дорад, ки рӯза бигирад ва рӯза нагирад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ﴾ البقرة: ١٨٥

"**Ва ҳар кас ки бемор бошад ё дар сафар буд, пас рӯзҳои дигарро рӯзи бигиред**". (Сураи Бақара, ояти: 185)

---

[1] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боби ҷоиз будани рӯза доштан ва хӯрдан дар моҳи Рамазон барои мусофир бегунаҳгор шудан, рақами (1114).

[2] Ривояти Бухорӣ ,китоби Рӯза, боби ҳаргоҳ чанд рӯзе аз Рамазонро рӯза дошт, сипас сафар кард, рақами (1945) ва Муслим китоби Рӯза, боби ихтиёр доштан дар рӯза гирифтан ва ифтор кардан дар сафар, рақами (1122).

Саҳобагон разияллоҳу анҳум бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сафар мекарданд, пас баъзеашон рӯза доштан ва баъзеашон рӯза надоштанд, пас рӯзадор рӯзахӯрро эрод намегирифт ва рӯзахӯр рӯзадорро эрод намегирифт. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар сафар рӯза мегирифт. Абӯдардо разияллоҳу анҳу гуфт: "Мо бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар моҳи Рамазон дар як гармои сахте қарор доштем ва мо касе рӯзадор набуд, ҷуз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа" [1].

Қоида дар ҳаққи мусофир ин аст, ки дар миёни рӯза гирифтан ва ифтор кардан ихтиёр дода мешавад, локин агар рӯза доштан бар вай машаққат наорад, пас рӯза доштан беҳтар аст, зеро дар он се фоида аст:

**Якум:** Ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам иқтидо кардан.

**Дуввум:** Осонӣ, бар инсон рӯза доштан осон мешавад, зеро инсон ҳаргоҳ бо мардум рӯза дорад, бар вай рӯза доштан осонтар мешавад.

**Фоидаи сеюм:** Аз ӯҳдадории рӯза тез халос шудан.

Агар рӯза бар вай машаққат орад, пас рӯза намегирад ва дар монанди ин ҳол дар сафар рӯза гирифтан аз амалҳои нек нест, зеро Паёмбар алайҳис салоту вас салом мардеро дид, ки бар вай соя карда мешавад ва мардум дар атрофи вай ҷамъ омадаанд, пас фармуд: "**Ба ин мард чӣ шуда аст?**". Гуфтанд: Рӯзадор аст, пас фармуд: "**Дар сафар рӯза**

[1] Тахриҷаш дар фатвои собиқ гузашт.

**гирифтан аз амалҳои нек нест**" [1], пас ин умумро дар монанди ин мард, ки рӯза бар вай душвор буд, бардошт карда мешавад.

Бинобар ин мегӯем: Дар вақти ҳозир сафар кардан осон аст, ҳамонгуна ки саволкунанда гуфтааст, ғолибан дар сафар рӯза машаққат намеорад, ҳаргоҳ рӯза дар сафар машаққат наорад, пас беҳтар рӯза доштан аст.

**Саволи 405: Мусофир ҳаргоҳ ба Макка расад, дар ҳоле ки рӯзадор буд, пас ба хотири қувват гирифтан барои иҷрои ҳаҷҷи умра оё рӯзаро мехӯрад?**

**Ҷавоб:** Мегӯем: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам соли фатҳи Макка дар бистуми моҳи Рамазон дохили Макка шуд ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯзахӯр буд ва бо мардуми Макка ду ракаат намоз мехонд ва ба онон мегуфт: "**Эй аҳли Макка намози худро пурра кунед, пас мо қавми мусофир ҳастем**" [2], ва дар Саҳеҳи Бухорӣ собит аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам боқии моҳ рӯзахӯр буд, чаро ки Ӯ мусофир буд [3], сафари умракунанда ба расиданаш дар Макка қатъ намешавад ва ҳаргоҳ ифторкунанда Макка ояд, ӯро худдорӣ лозим намеояд. Ва гоҳо баъзе мардум рӯзаашро дар сафар идома медиҳад, аз рӯи назар кардан ба ин ки рӯза дар сафар дар вақти ҳозир бар уммат душвор нест, пас рӯзаашро дар сафараш давом медиҳад, сипас вориди Макка меша-

---

[1] Дар фатвои собиқ тахриҷаш гузашт.

[2] Ривояти Аҳмад (4/430) ва Абӯдовуд, китоби намози сафар, боби кай мусофир пурра мехонад, рақами (1229).

[3] Ривояти Бухорӣ, китоби Мағозӣ, боби ғазваи Фатҳ дар Рамазон, рақами (4275) ва Муслим, китоби Рӯза, боби ҷоиз будани рӯза доштан ва ифтор кардан, рақами (1113).

вад, дар ҳоле ки хаста аст, сипас дар нафси худ мегӯяд: Оё рӯзаамро давом диҳам ва умраро ба баъди ифтор гузорам, ё рӯзаро бихӯрам то ҳангоми расидан ба Макка дар ҳол умраро кунам?

Пас мо дар чунин ҳол барояш мегӯем: Беҳтар ин аст ки рӯзаро бихӯрӣ, ба хотири ин ки дар вақти расиданат дар Макка дар ҳоле ки чолок ҳастӣ умраро ба ҷо орӣ, зеро суннат дар ҳаққи касе ки Макка ба хотири адои ҳаҷ меояд, ин аст ки  дар ҳол барои иҷрои он бишитобад, чун Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаргоҳ дохили Макка мешуд,  ҳоло он ки Ӯ дар эҳром қарор дошт, ба сӯи масҷид шитоб мекард, то шутурашро дар назди масҷид мехобонд ва дохили масҷид мешуд, то ҳаҷҷеро, ки ба хотири он эҳром баста буд, адо намояд.

Пас эй умракунанда ифтор кардани ту ба хотири адои умра дар рӯз бо чолокӣ беҳтар аз он аст ки рӯзадор боқӣ бимонӣ, сипас вақте ки дар шаб ифтор кардӣ, умраи худро ба ҷо биёрӣ. Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит шудааст, ки дар сафараш дар ғазваи фатҳи Макка рӯзадор буд, пас мардум омада гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, рӯза бар мардум машаққат овардааст ва онон интизоранд ки чӣ мекунед ва ин воқеа баъди аср буд, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам об хост ва нӯшид ва мардум тарафи вай нигоҳ мекарданд, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар миёнаи сафар ифтор кард, балки дар охири рӯз рӯзаро хӯрд, ин ҳама ба хотири ин буд, ки барои уммат баён кунад ,ки ин кор ҷоиз аст. Ва шакке нест, ки ӯҳдадор кардани баъзе мардум худро ба рӯза доштан дар

сафар бо вуҷуди машаққат хилофи суннат аст ва бар вай ин фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Дар сафар рӯза гирифтан аз амалҳои нек нест**", рост меояд.

**Саволи 406: Оё барои зани ширдеҳ ҷоиз аст, ки рӯзаро бихӯрад? Ва кай қазо медорад? Оё таом ҳам медиҳад?**

**Ҷавоб:** Зани ширдиҳанда агар аз рӯза гирифтан бар фарзандаш битарсад, ки шир кам мешаваду ба тифл зарар мерасад, барояш ҷоиз аст ки рӯзаро бихӯрад, локин баъд рӯзаро қазо мегирад, зеро вай монанди бемор аст, ки Аллоҳ таъоло дар ҳаққи он фармудааст:

﴿ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ ۗ يُرِيدُ ٱللَّهُ بِكُمُ ٱلْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ ٱلْعُسْرَ ﴾ البقرة: ١٨٥

"**Ва ҳар кас ки бемор ё дар сафар буд, пас рӯзҳои дигарро рӯза бидорад. Аллоҳ барои шумо осонӣ мехоҳад ва барои шумо душворӣ намехоҳад**". (Сураи Бақара, ояти: 185)", ҳар замоне он чи аз он тарс дорад аз байн равад, ё дар зимистон барои кутоҳ будани рӯзҳо ва сардии ҳаво қазо мегирад, ё агар зимистон набошад, пас дар соли оянда қазо мегирад.

Аммо таом додан ҷоиз нест, магар дар сурате ки монеъ ё узр давомдор бошад, ки умеди аз байн рафтани он набошад, ин ҳолатест, ки дар он таом додан дар ивази рӯза мебошад.

**Саволи 407: Ҳаргоҳ рӯзадор бештари рӯзро аз рӯи гуруснагӣ ва ташнагии сахт сусту заиф гузаронад, оё ин дар дурустии рӯза таъсир мерасонад?**

**Ҷавоб:** Ин бар дурустии рӯза таъсир намерасонад ва дар ин зиёдатии аҷру подош аст, аз рӯи фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Оиша разияллоҳу анҳо: "**Аҷру подоши ту ба андозаи мондагии туст**" [1].

Ҳар андоза ки мондагию хастагии инсон дар тоати Аллоҳ зиёд шавад, ҳамон қадар аҷраш зиёд мешавад ва барои вай иҷозат аст, ки коре кунад, ки рӯзаро барои вай сабук созад, монанди худро ба оби хунук сард кунад ва дар ҷои сард нишинад.

**Саволи 408: Оё ҳар рӯзе ки дар моҳи Рамазон рӯза мегирад, эҳтиёҷ ба ният дорад, ё ин ки нияти рӯза доштани ҳамаи моҳ кифоят мекунад?**

**Ҷавоб:** Дар моҳи Рамазон як ният аз аввали он кифоят мекунад, зеро шахси рӯзадор агарчи ҳар рӯзро ба рӯзаш дар шаби он ният накунад, боз ҳам нияти вай дар аввали моҳ кифоят мекунад, лекин агар рӯзаро дар миёнаи моҳ ба хотири сафар ё беморӣ ё монанди он қатъ кунад, аз нав ният барои вай воҷиб мегардад, зеро вай ниятро бо тарки рӯза барои сафар ва беморӣ ва ғайра қатъ кардааст.

**Саволи 409: Нияти устувор барои ифтор кардан бехӯрдан ва нӯшидан, оё рӯзаи рӯзадор ба сабаби он мешиканад?**

**Ҷавоб:** Маълум аст, ки рӯза байни ният ва тарк ҷамъоранда аст, пас инсон ба рӯзааш наздик шудан ба сӯи Аллоҳ азза ва ҷалларо ба тарки ифторкунандаҳо ният

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Умра, боби аҷри умра ба қадри мондагӣ аст, рақами (1787) ва Муслим, китоби Ҳаҷ, боби эҳроми занони дар нифос..., рақами (1211) (126).

мекунад, ҳаргоҳ тасмим гирад, ки дар воқеъ рӯзаашро мехӯрад, пас рӯзаи ӯ ботил мешавад, локин ҳаргоҳ ӯ дар моҳи Рамазон бошад, бар ӯ то нишастани офтоб худдорӣ кардан аз ифторкунандаҳо воҷиб мебошад, чаро касе ки дар моҳи Рамазон беузр ифтор кард, бар ӯ худдорӣ ва қазо лозим мешавад.

Аммо ҳаргоҳ тасмим нагирифт ва локин дудила буд, пас дар миёни олимон раҳимаҳумуллоҳ мавзеъи хилоф аст:

Баъзеашон гуфтанд, ки рӯзааш ботил мешавад, чаро ки тараддуд (дудилагӣ) қасдро нафй мекунад.

Ва баъзеашон гуфтанд, ки рӯзааш ботил намешавад, зеро асл боқӣ мондани ният аст, то ки бар қатъ ва дур кардани он қасд намояд. Ин қавл дар назди ман аз рӯи қувваташ бартарӣ дорад ва Аллоҳ донотар аст.

**Саволи 410: Ҳаргоҳ рӯзадор аз рӯи фаромушӣ хӯрд чӣ ҳукм дорад? Ва касе ки рӯзадорро дар чунин ҳолат мебинад, чӣ воҷиб мешавад?**

**Ҷавоб:** Касе ки дар ҳоли рӯзадорӣ аз рӯи фаромушӣ хӯрд ё нӯшид, рӯзааш дуруст аст, локин замоне ки ба ёдаш омад, воҷиб аст, ки дар ҳол аз хӯрдан ва нӯшидан бозистад, ҳатто агар луқма ё қатраи об дар даҳонаш бошад, воҷиб аст, ки онро берун кунад. Ва далели комил будани рӯзааш фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, дар он чи аз Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу собит шудааст: "**Касе ки дар ҳоли рӯза доштанаш фаромуш карда чизе хӯрд ё нӯшид, пас рӯзаашро комил кунад, пас Аллоҳ ӯро хӯрон-**

**да ва нӯшондааст**" [1], зеро агар инсон аз рӯи фаромушӣ даст дар кори манъшуда зад, ҷазо дода намешавад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذْنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ أَخۡطَأۡنَا﴾ البقرة: ٢٨٦

"**Парвардигоро мо агар фаромуш кардем ё хато кардем, моро ҷазо мадеҳ**", пас Аллоҳ таъоло фармуд: "**Хостаи шуморо ба ҷо овардам**".

Аммо касе ки рӯзадорро дар чунин ҳолат дид, бар вай воҷиб аст, ки ӯро ёдрас кунад, зеро ин аз тағйир додани кори мункар аст. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Касе аз шумо кори мункарро дид, пас онро ба дасташ тағйир диҳад, пас агар ба дасташ тағйир дода натавонад, пас ба забонаш онро тағйир диҳад, пас агар ба забонаш тағйир дода натавонад, пас ба қалбаш тағйир диҳад**" [2]. Шакке нест, ки хӯрдани рӯзадор дар ҳоли рӯзадорӣ ва нӯшиданаш аз мункар аст, локин дар ҳоли фаромушӣ аз вай гузашта мешавад, зеро вай ҷазо дода намешавад. Аммо касе ки вайро дид, дар тарки инкор барои худ ҳеҷ узре надорад.

**Саволи 411: Ҳукми сурма кашидан барои рӯзадор чист?**

**Ҷавоб:** Боке нест, ки рӯзадор сурма бикашад ва дар чашмонаш қатра чаконад ва ҳамчунон дар гуши худ қатра чаконад, ҳатто агар мазаи онро дар ҳалқаш биёбад, ба сабаби он рӯзааш намешиканад, зеро ки он на хӯрданӣ аст

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби ҳаргоҳ фаромушона хӯрд ё нӯшид, рақами (1933) ва Муслим, китоби Рӯза, боби оиди касе ки фаромушона хӯрд ва нӯшид ва ҳамхобагӣ кард, рӯзааш намешиканад, рақами (1155).

[2] Ривояти Муслим, китоби Имон, боби наҳй аз мункар аз ҷумлаи имон аст, рақами (49).

ва на нӯшиданӣ ва на ба маънои хӯрданӣ ва нӯшиданӣ аст ва далел танҳо дар манъи хӯрдан ва нӯшидан омадааст, пас чизе ки ба маънои он ду набошад, ба он пайваста намешавад ва ин чизеро ки зикр кардем ихтиёри Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ [1] аст. Ва ҳамин қавл дуруст аст.

Аммо агар дар бинияш қатра чаконад, пас дохили шикамаш шавад, агар қасдан ин корро кунад, рӯзааш мешиканад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Дар истиншоқ (об дар бинӣ кардан) муболаға кун, магар ки рӯзадор бошӣ**" [2].

**Саволи 412: Мисвок ва хушбӯӣ кардан барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад?**

**Ҷавоб:** Дуруст ин аст, ки мисвок кардан дар ҳаққи рӯзадор, дар аввали рӯз бошад ё дар охири рӯз суннат аст, аз рӯи умуми будани фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Мисвок василаи покии даҳон ва ба даст овардани ризои Парвардигор аст**"[3], ва фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Агар бар умматам машаққат намеовардам, ҳароина ба онҳо амр мекардам, ки дар назди ҳар намоз хондан мисвок зананд**" [4].

---

[1] Маҷмӯъи фатово (25/233-234).

[2] Ривояти Абӯдовуд, китоби Истинсор, рақами (142) ва Тирмизӣ, китоби Таҳорат, боб мо ҷоа фи тахлилил асобиъ, рақами (38) ва Насоӣ, китоби Таҳорат, боби муболаға фил истиншоқ, рақами (87) ва Ибни Моҷа, китоби Таҳорат ва сунаниҳо, боби муболаға фил истиншоқи вал истинсор, рақами (407).

[3] Ривояти Бухорӣ ба сурати муаллақ, китоби Рӯза, боби сивоки тар ва хушк барои рӯзадор, пеш аз ҳадиси рақами (1934) ва инро Аҳмад (6/47) бо санад ривоят кардааст ва Насоӣ, китоби Таҳорат, боби тарғиб дар сивок, рақами (5).

[4] Ривояти Бухорӣ, китоби Сивок, боби сивок дар рӯзи ҷумъа, рақами (887) ва Муслим, китоби Таҳорат, боби сивок, рақами (252).

Аммо хушбӯӣ задан, чи дар аввали рӯз бошад ва чи дар охири рӯз ҷоиз аст, хоҳ он хушбӯӣ аз қабили бахур (дуд-шаванда) бошад, ё равған, ё ғайри ин, магар ки бахурро ба бинӣ бӯй кашидан ҷоиз нест, зеро бахур дорои аҷзои маҳсусу мушоҳада аст, ҳаргоҳ онро бӯй кашад, ба дохили бинияш боло меравад, сипас ба меъдааш мерасад, аз ин ҷиҳат Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Лақит иб-ни Сабира разияллоҳу анҳу фармуд: "**Дар обро дар бинӣ кардан муболаға кун, магар ин ки рӯзадор бошӣ**" [1].

**Саволи 413: Фосидкунандаҳои рӯза чист?**

**Ҷавоб:** Фосидкунандаҳои рӯза он чизҳоест, ки рӯзаро мешиканад, ва онҳо чизҳои зерин аст:

1-Ҳамхобагӣ.

2-Хӯрдан.

3-Нӯшидан.

4-Ба шаҳват рехтани манӣ.

5-Он чи ки ба маънои хӯрдан ва нӯшидан бошад.

6-Қасдан қай кардан.

7-Берун шудани хун ба сабаби ҳиҷомат.

8-Берун шудани хуни ҳайз ва нифос.

Аммо далели хӯрдан, нӯшидан ва ҳамхобагӣ фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ فَٱلۡـَٔـٰنَ بَـٰشِرُوهُنَّ وَٱبۡتَغُواْ مَا كَتَبَ ٱللَّهُ لَكُمۡۚ وَكُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ ٱلۡخَيۡطُ ٱلۡأَبۡيَضُ مِنَ ٱلۡخَيۡطِ ٱلۡأَسۡوَدِ مِنَ ٱلۡفَجۡرِۖ ثُمَّ أَتِمُّواْ ٱلصِّيَامَ إِلَى ٱلَّيۡلِ ﴾ البقرة: ١٨٧

"**Акнун бо онҳо ҳамбистар шавед ва он чиро ки Аллоҳ бар шумо муқаррар гардонидааст, талаб кунед**

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

**ва бихӯреду биёшомед то риштаи равшани субҳдам дар торикии шаб ошкор шавад. Ва рӯзаро ба шаб бирасонед**". (Сураи Бақара, ояти: 187)

Аммо рехтани манӣ ба шаҳват, пас далели он фармудаи Аллоҳ таъоло дар ҳадиси қудсӣ дар ҳаққи рӯзадор: "**Таом, шароб ва шаҳваташро ба хотири Ман тарк мекунад**" [1], ва нозил шудани манӣ шаҳват аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Дар ҳамхобагии яке аз шумо садақа аст**", саҳобагон гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, яке аз мо шаҳваташро ба ҷо меорад ва дар он ба вай аҷр мебошад? Фармуд: "**Оё агар шаҳвати худро дар ҳаром гузорад, гуноҳе дорад? Пас ҳамчунон ҳаргоҳ шаҳваташро дар ҳалол гузоорад, барои вай аҷру подош аст**",[2] ва он чи гузошта мешавад ҳамоно мании ҷаҳанда аст, аз ин рӯ қавли бартар ин аст ,ки мазӣ рӯзаро намешиканад, ҳатто агар ба шаҳват ва мубоширатан беҳамхобагӣ бошад.

**Панҷум:** Он чи ба маънои хӯрдан ва нӯшидан бошад ва он сузандоруи ғизодиҳанда аст, ки инсон ба сабаби он аз хӯрдан ва нӯшидан бениёз мешавад ва агарчи ин чиз хӯрдан ва нӯшидан нест, лекин ба маънои хӯрдан ва нӯшидан аст, чаро ки ба василаи он аз ин ду метавон бениёзӣ кард. Ва он чи ба маънои чизе бошад, пас онро ҳукми он чиз мебошад. Барои ин боқӣ мондани ҷисм ба гирифтани ин сузандору меистад, ба маънои ин ки ҷисм бар ин сузандору ғизо гирифта боқӣ мемонад ва агарчи ба

---

[1] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боби фазли рӯза, рақами (1151).

[2] Ривояти Муслим, китоби Закот, боби баёни номи садақа бар ҳар навъи кори нек гузошта мешавад, рақами (1006).

ғайри он ғизо нагирад. Аммо сузандоруе ки ғизо намедиҳад ва дар мақоми хӯрдан ва нӯшидан қоим намешавад, пас ин рӯзаро намешиканад, хоҳ инсон онро аз роҳи рагҳо тановул кунад ё дар гушти бадан ё дар кадом ҷое аз баданаш бошад.

**Шашум:** Қасдан қай кардан, яъне инсон он чи дар меъдааш аст қай кунад, то аз даҳонаш хориҷ шавад, аз рӯи ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Касе ки қасдан қай кард, бояд (рӯзаашро) қазо гирад, аммо касе ки қай бар вай ғолиб омад, пас бар вай қазое нест**" [1].

Ва ҳикмат дар он ин аст, ки ҳаргоҳ қай кунад, шикамаш аз таом холӣ мешавад ва бадан ниёз ба ин дорад ,ки ҷои холиро пур кунад. Аз ин ҷиҳат мо мегӯем: Агар рӯзаи фарз бошад, барои инсон ҷоиз нест, ки қай кунад, зеро вақте ки қай кунад рӯзаи воҷибро фосид мекунад.

**Ва аммо ҳафтум:** Берун шудани хун ба сабаби ҳиҷомат, пас аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Ҳиҷоматкунанда ва ҳиҷоматкарда шуда рӯзаро хӯрдаанд**" [2].

**Ва аммо ҳаштум:** Берун шудани хуни ҳайз ва нифос, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаққи зан: "**Оё чунин нест, ки зан ҳайз дид на намоз**

[1] Ривояти Абӯдовуд, китоби Рӯза, боби рӯзадор, қасдан қай мекунад, рақами (2380) ва Тирмизӣ, китоби Рӯза, боби оиди он чи ки қасдан қай намояд, рақами (720).

[2] Ривояти Бухорӣ ба сурати муаллақ, китоби Рӯза, боби ҳиҷомат ва қай барои рӯзадор пеш аз ҳадиси рақами (1937) ва Тирмизӣ, китоби Рӯза, боби кароҳияти ҳиҷомат барои рӯзадор, рақами (774).

**мехонад ва на рӯза мегирад**" [1]. Олимон иҷмоъ намудаанд, ки рӯза аз зани ҳоиз дуруст нест ва ҳамчунон аз зане ки дар нифос аст.

Ин шикананандаҳо, ки фосидкунандаҳои рӯзаанд, рӯзаро фосид намекунанд, магар ба се шарт, ва он шартҳои зерин аст:

1-Илм (донистан).

2-Ёд доштан.

3-Қасд доштан.

Пас шахси рӯзадор рӯзааш фосид намешавад, магар ба ҳамин се шарт:

**Якум:** Ба ҳукми шаръӣ ва ба ҳол, яъне ба вақт олим бошад, пас агар ба ҳукми шаръӣ ё ба вақт ҷоҳил бошад, пас рӯзааш дуруст аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

"**Парвардигоро мо агар фаромуш кардем ё хато кардем, моро ҷазо мадеҳ**", пас Аллоҳ таъоло фармуд: "**Хостаи шуморо ба ҷо овардам**".

Ва аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿وَلَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ فِيمَآ أَخْطَأْتُم بِهِۦ وَلَٰكِن مَّا تَعَمَّدَتْ قُلُوبُكُمْ﴾ الأحزاب: ٥

"**Ва дар он чи ки қаблан хато кардаед, гуноҳе бар шумо нест ва лекин он чиро ки дилҳои шумо аз рӯи қасд мехоҳад**". (Сураи Аҳзоб, ояти: 5) Ва ин ду далел омманд.

Ва дар суннат дар ин масъала далелҳои хос оиди рӯза аст, пас дар Саҳеҳ аз ҳадиси Адӣ ибни Ҳотим разияллоҳу

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Ҳайз, боби тарки ҳоиз рӯзаро, рақами (304) ва Муслим, китоби Имон, боби баёни нуқсони имон ба нақси тоатҳо, рақами (79).

анҳу омадааст, ки вай рӯза гирифт ва дар зери болини худ ду иқол, яъне ду ресмоне ки ба он дасти шутурро чун бар замин хам шавад мебанданд, гузошт ки яке аз он сиёҳ буд ва дигаре сафед ва шурӯъ ба хӯрдан ва нӯшидан кард, то он ки тори сиёҳ аз тори сафед барои вай ошкор гардид, сипас аз хӯрдан худдорӣ намуд (рӯзаро оғоз кард) ва вақте ки субҳ намуд, пеши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рафт, пас Ӯро оиди ин хабар дод. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба вай баён намуд, ки мурод ба риштаи сафед ва сиёҳ дар оят ду ресмони маъруф нестанд, балки мурод аз ресмони сафед, сафедии рӯз ва мурод аз ресмони сиёҳ, сиёҳии шаб аст ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ӯро ба қазои рӯза амр накард [1], зеро ӯ ҳукмро намедонист, гумон дошт ки маънои ояти карима ҳамин аст.

Аммо надонистани вақт, дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Асмоа бинти Абӯбакр разияллоҳу анҳумо омадааст, ки гуфт: "**Мо дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар рӯзи абрнок (бу гумони ин ки шом шудааст) ифтор кардем, сипас офтоб баромад**" [2].

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам онҳоро ба қазо доштани рӯза амр накард ва агар қазо дар ин ҳолат воҷиб мебуд, ҳароина ононро ба қазо доштан амр мекард ва агар

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби фармудаи Аллоҳ таъоло: "ва бихӯреду биёшомед то риштаи равшани субҳдам дар торикии шаб ошкор шавад", рақами (1916) ва Муслим ,китоби Рӯза, боби баёни ин ки дар рӯза дохил шудан, ба дамидани субҳ ҳосил мешавад, рақами (1090).

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боб оиди ин ки дар Рамазон ифтор кард, сипас офтоб баромад, рақами (1995).

онҳоро ба қазо доштан амр мекард, ҳароина ба уммат нақл карда мешуд, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا ٱلذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٩ ﴾ "**Мо Қуръонро нозил кардаем ва Мо онро ҳифз мекунем**" (сураи Ҳиҷр, ояти: 9), ва чун он нақл нашудааст бо вуҷуди он ки асбоб ва ангезаҳои нақли он ба фаровонӣ вуҷуд дорад, дониста шуд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро ба қазо доштан амр накардааст ва вақте ки ононро ба қазо доштан амр накард, дониста шуд, ки қазо доштан дар ин ҳолат воҷиб нест. Ва монанди ин: Агар инсон аз хоб хезад, гумон кунад, ки шаб аст, пас хӯрд ё нӯшид, сипас барояш маълум шуд, ки баъди дамидани субҳ хӯрда ва нӯшида аст, пас бар вай қазо воҷиб нест, зеро вай вақтро намедонист.

Ва аммо шарти дуввум: Ба ёд дошта бошад ва зидди ёд доштан фаромушӣ аст, агар аз рӯи фаромушӣ хӯрд ё нӯшид, рӯзааш дуруст аст ва бар вай қазо доштан лозим нест, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: "**Парвардигоро мо агар фаромуш кардем ё хато кардем, моро ҷазо мадеҳ**", пас Аллоҳ таъоло фармуд: "**Хостаи шуморо ба ҷо овардам**". Аз рӯи ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Касе ки дар ҳоли рӯза доштанаш фаромуш карда чизе хӯрд ё нӯшид, пас рӯзаашро комил кунад, пас Аллоҳ ӯро хӯронда ва нӯшондааст**" [1].

**Шарти сеюм:** Қасд аст, ки инсон он шиканандаро ба ихтиёри худ анҷом диҳад, пас агар ба ихтиёраш набошад,

---

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

рӯзааш саҳеҳ аст, хоҳ маҷбур карда шуда бошад ё на, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло дар ҳаққи касе ки бар куфр маҷбур карда шуд:

﴿ مَن كَفَرَ بِٱللَّهِ مِنۢ بَعۡدِ إِيمَٰنِهِۦٓ إِلَّا مَنۡ أُكۡرِهَ وَقَلۡبُهُۥ مُطۡمَئِنُّۢ بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَٰكِن مَّن شَرَحَ بِٱلۡكُفۡرِ صَدۡرٗا فَعَلَيۡهِمۡ غَضَبٞ مِّنَ ٱللَّهِ وَلَهُمۡ عَذَابٌ عَظِيمٞ ١٠٦ ﴾ النحل: ١٠٦

"**Касе ки баъд аз имонаш ба Аллоҳ кофир шавад (пурсида мешавад) магар касе ки ба зур (ба куфр) водор шавад, дар ҳоле ки қалбаш ба имон ором бошад, лекин касе ки синаи худро барои куфр кушояд, пас ғазаби Аллоҳ бар онҳост ва барои онҳо азоби бузурге аст**". (Сураи Наҳл, ояти: 106) Ҳангоме ки ҳукми куфр ба сабаби маҷбурӣ бахшида мешавад, пас поинтар аз он ба тариқи авло бахшида мешавад. Аз рӯи ҳадисе ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шуда, ки фармуд: "**Аллоҳ аз уммати ман хато, фаромушӣ ва бар он чизе ки маҷбур карда шудаанд, бардошта аст**" [1]. Бинобар ин агар дар бинии рӯзадор гарду ғубор парад ва мазаашро дар ҳалқаш ёбад ва ба меъдааш бирасад, пас ба сабаби ин рӯзааш намешиканад, зеро ӯ инро қасд накарда буд. Ва инчунин агар ба хӯрдани рӯза маҷбур карда шуд, пас аз рӯи дур кардани маҷбурӣ ифтор кард, рӯзааш саҳеҳ аст, чаро ки вай ихтиёр надошт. Ва ҳамчунон дар хоб эҳтилом шуд, рӯзааш саҳеҳ аст, зеро инсони хоб қасд надорад. Ва ҳамчунин агар мард ҳамсарашро дар ҳоли рӯза доштанаш

---

[1] Ривояти Ибни Моҷа, китоби Талоқ, боби талоқи маҷбуршуда ва фаромушкунанда, рақами (2045).

маҷбур карда, бо ӯ ҳамхобагӣ кунад, рӯзаи ҳамсараш саҳеҳ аст, чаро ки вай ихтиёр надошт.

**Дар инҷо як масъала аст, ки бояд онро бо зиракӣ дарк намуд:**

Агар мард дар рӯзи Рамазон ба василаи ҳамхобагӣ рӯзаро бишканад, дар ҳоле ки рӯза бар вай фарз аст, бар ҳамхобагияш панҷ чиз тартиб меёбад:

**Якум:** Гуноҳ.

**Дуввум:** Бояд дар боқии рӯз худдорӣ кунад.

**Сеюм:** Рӯзааш фосид мешавад.

**Чорум:** Қазо доштан.

**Панҷум:** Кафорат.

Ва фарқ надорад, ки ӯ ба он чи бар вай воҷиб мегардад дар ин ҳамхобагӣ доно бошад ё ҷоҳил, яъне мард агар дар ҳангоми рӯзаи моҳи Рамазон ҳамхобагӣ кард, дар ҳоле ки рӯза бар вай воҷиб бошад, лекин ӯ намедонад, ки (агар ҳамхобагӣ кард) бар вай кафора воҷиб мегардад, боз ҳам аҳкоме ки ба ҳамхобагӣ тааллуқ дорад, ки мо онро ёд намудем, болояш тартиб меёбад, чаро ки вай қасдан шиканандаро анҷом додааст ва қасдан анҷом додани ӯ он шиканандаро боиси лозим гардидани аҳкоми ёдшуда болои ӯ мешавад, балки дар ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки марде пеши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада гуфт: Эй Расулуллоҳ! Ҳалок шудам. Фармуд: "**Чӣ туро ҳалок кард?**". Гуфт: Ман дар рӯзи Рамазон дар ҳоле ки рӯзадор будам, бар ҳамсари худ афтодам (киноя аз ҳамхобагӣ аст), пас Паёмбар саллаллоҳу

алайҳи ва саллам ӯро ба кафора додан амр кард. [1] Дар ҳоле ки он мард намедонист ,ки бар вай кафора аст ё не.

Дар ин гуфтаи мо ки "дар ҳоле ки рӯза бар вай воҷиб бошад" худдорӣ аз ин аст ки агар рӯзадор дар рӯзи Рамазон мусофир бошад, масалан, дар ҳоли мусофир буданаш ҳамхобагӣ кард, бар вай кафора лозим намешавад. Мисли он ки мард бо ҳамсари худ дар рӯзи Рамазон мусофир бошад ва ҳар ду рӯзадор бошанд, боз ӯ дар ин ҳолат бо ҳамсари худ ҳамхобагӣ мекунад, бар вай ҳеҷ кафорае нест, ба хотири он ки мусофир замоне ки ба рӯза шурӯъ кард, пура кардани он бар вай лозим нест, агар хост пурааш мекунад ва агар хост рӯзаро мехӯрад ва баъдан онро қазо медорад.

**Саволи 414: Пошидани давои нафастангӣ барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад? Оё рӯзаро мешиканад?**

**Ҷавоб:** Ин баххох (давопош) бухор гардида ва ба меъда намерасад, пас инҳангом мегӯем: Боке надорад, ки ин давопошро дар ҳоле ки рӯзадор бошӣ истеъмол кунӣ ва ба сабаби он рӯзаат намешиканад, зеро тавре ки мо гуфтем: Аҷзои он ба меъда дохил намешавад, чаро ки он чизе аст, ки пароканда ва бухор шуда ва аз байн меравад ва ҳеҷ чизе аз танаи он ба меъда намерасад, бинобар ин ҷоиз аст, ки онро истеъмол намуд, чарчи рӯзадор ҳам бошӣ ва рӯза ба сабаби он ботил намешавад.

**Саволи 415: Оё қай шикаонандаи рӯза аст?**

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боб ҳаргоҳ дар Рамазон ҳамхобагӣ кунад..., рақами (1936) ва Муслим ,китоби Рӯза, боби сахт ҳаром будани ҳамхобагӣ дар рӯзи Рамазон бар рӯзадор...., рақами (1111).

**Ҷавоб:** Инсон агар қасдан қай кунад, рӯзааш мешиканад ва агар беқасд қай кард рӯзааш намешиканад ва далели ин ҳадиси Абӯҳурайра аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Бар касе қай ғалаба кард, бар вай қазо нест ва касе қасдан қай кард, бояд қазо дорад**" [1].

Агар қай бар ту ғалаба кард, рӯзаат намешиканад, пас агар инсон эҳсос кард, ки меъдааш мавҷ мезанад ва он чи дар он аст ба наздики берун хоҳад шуд, барояш мегӯем: На онро манъ кун ва на онро дарун бикаш, балки ҷои бетарафиро ихтиёр кун, на хостгори қай шав ва на онро манъ кун, зеро агар хостгори қай шудӣ, рӯзаат мешиканад ва агар манъ кардӣ зарар мебинӣ, пас онро тарк кун, агар беамали ту хориҷ шуд, ҳеҷ зараре ба ту намерасонад ва рӯзаатро ҳам намешиканад.

**Саволи 416: Баромадани хун аз гушти дандони рӯзадор рӯзаро мешиканад?**

**Ҷавоб:** Хуне ки аз (бехи) дандон мебарояд, бар рӯза таъсире надорад, лекин ба андозаи тавон аз фурӯ бурдани он дурӣ кунад ва инчунин агар хуни бинӣ шуд ва аз фурӯ бурдани он дурӣ кунад, бар вай ҳеҷ чизе нест ва бар вай қазо гирифтан ҳам лозим нест.

**Саволи 417: Агар зани ҳоиз пеш аз субҳ пок шуд ва пас аз дамидани субҳ ғусл кард, пас ҳукми рӯзааш чист?**

**Ҷавоб:** Агар яқин кард, ки пеш аз субҳ пок шудааст, рӯзааш дуруст мебошад. Муҳим ин аст, ки яқин кунад пок шудааст ,чаро ки баъзе аз занон гумон мекунад ,ки пок

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

шудааст ва ҳоло он ки пок нашудааст. Аз ин рӯ буд ,ки занон назди Оиша разияллоҳу анҳо омада, бо худ пахта меоварданд ва ӯро нишонаи покиро нишон медоданд, пас барои онон мегуфт: "Шитоб накунед, то ки пахтаи сафед-ро мушоҳида накунед". Барои зан лозим аст ,ки шитоб накунад ва интизор шавад, то барояш яқин ҳосил шавад, ки пок шудааст ва чун пок шуд, нияти рӯза кунад, агарчи ғусл накард, магар баъд аз дамидани субҳ. Лекин бар зан низ лозим аст, ки намозро риоя кунад, ҳарчи зудтар ғусл кунад, то намози бомдодро дар вақташ бихонад.

Ба мо хабар расид, ки баъзе занон баъди дамидани субҳ ё пеш аз дамидани субҳ пок мешаванд, локин ғуслро баъд аз баромадани офтоб мегузоранд, ба баҳонаи ин ки вай мехоҳад ғусли комилтар ва поктар анҷом диҳад, ин кор чи дар Рамазон ва чи дар ғайри Рамазон нодуруст аст, зеро бар зан воҷиб аст, ки шитоб кунад ва ғусл кунад, то намоз-ро дар вақташ бихонад. Ва барои зан иҷозат аст, ки барои хондани намоз ба ғусли воҷиб иктифо кунад. Ҳаргоҳ хоҳад баъди баромадани офтоб бештар покӣ кунад, пас бар вай боке нест.

Ва монанди зани ҳоиз касест, ки бар вай ҷанобат аст, пас баъди дамидани субҳ ғусл кунад, пас бар вай боке нест ва рӯзааш саҳеҳ аст, чунон ки марди рӯзадор агар бар вай ҷанобат бошад ва ғусл накунад, магар баъд аз дамидани субҳ бар вай дар ин кор боке нест, зеро аз Паёмбар сал-лаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки ӯро субҳ дармеёфт дар ҳоле ки аз ҳамбистари бо ҳамсари худ ҷунуб буд, сипас

рӯза мегирифт ва баъди дамидани субҳ ғусл мекард [1], ва Аллоҳ донотар аст.

**Саволи 418: Ҳукми кандани дандон барои рӯзадор чист? Оё рӯзаро мешиканад?**

**Ҷавоб:** Хуне ки ба сабаби кандани дандон ва монанди он хориҷ мешавад, рӯзаро намешиканад, чаро ки он ба монанди ҳиҷомат таъсир намекунад, пас ба сабаби он рӯза намешиканад.

**Саволи 419: Анализи хун барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад, оё рӯзаро мешиканад?**

**Ҷавоб:** Шахси рӯзадор ба сабаби хун гирифтан ба хотири анализ рӯзааш намешиканад, чаро ки табиб ба гирифтани хуни бемор барои санҷидан мӯҳтоҷ мешавад, пас ин кор рӯзаро намешиканад, зеро он хуни андак аст, бар бадан таъсири ҳиҷомаро надорад, пас шикананда намебошад. Асл боқӣ мондани рӯза аст ва фосид сохтани он имкон надорад, магар ба далели шаръӣ. Дар инҷо далел нест, ки рӯзадорро ба монанди ин хуни андак рӯзааш мешиканад. Аммо гирифтани хуни зиёд аз рӯзадор ба хотири дар марде ки ба он мӯҳтоҷ аст гузарондан масалан, агар аз ӯ хуни зиёд гирифта шавад, ки дар бадан монанди ҳиҷомат таъсир расонад, албатта ба сабаби он рӯзааш мешиканад. Бинобар ин агар рӯзаи фарз бошад, барои касе ҷоиз нест, ки ин андоза хуни зиёдро ба касе бибахшад, магар дар ҳоле ки ин шахсе ки ба вай бахшида мешавад, дар

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби ғусл кардани рӯзадор, рақами (1925-1926) ва Муслим, китоби Рӯза, боби дуруст будани рӯзаи касе ки бар вай субҳ медамад, дар ҳоле ки ҷунуб аст, рақами (1109).

ҳолати хатарноке қарор дошта бошад ва наметавонад то баъди нишастани офтоб сабр кунад ва табибон қарор додан, ки хуни ин рӯзадор ба вай фоида дорад ва зарурати ӯро дур месозад. Дар чунин ҳол боке надорад, ки хуни худро бибахшад ва ифтор кунад ва бихӯрад ва бинӯшад то қуввати вай дубора баргардад ва рӯзаи он рӯзро, ки ифтор карда қазо бигирад. Ва Аллоҳ донотар аст.

**Саволи 420: Агар рӯзадор истимно кунад (берун кардани манӣ беҳамхобагӣ), оё ба сабаби ин рӯзааш мешиканад? Оё бар вай кафорат лозим мешавад?**

**Ҷавоб:** Агар рӯзадор истимно кард, пас манӣ нозил шуд, рӯзааш мешиканад ва бар вай қазои он рӯзе ки дар он истимно кардааст, воҷиб мешавад ва бар вай кафорат лозим намешавад, зеро кафорат воҷиб намешавад, магар дар сурати ҳамхобагӣ. Бар вай тавба кардан аз коре ки кардааст, лозим мебошад.

**Саволи 421: Ҳукми бӯй кашидани хушбӯӣ барои рӯзадор чист?**

**Ҷавоб:** Бӯй кашидани рӯзадор хушбӯиро боке надорад, хоҳ хушбӯй равғанӣ бошад ё дуддодашуда, локин агар хушбӯӣ дуддодашуда бошад, дуди онро ба binияш фурӯ накашад, зеро дуд тана дорад, ки ба шикам мерасад, пас монанди об ва ҳамонанди он шиканандаи рӯза мебошад. Аммо танҳо бӯй кашидани он, бе фурӯ бурдани он дар бинӣ, то андозае ки ба шикам бирасад, пас боке надорад.

**Саволи 422: Фарқ байни бӯй кашидани бахур (хушбӯии дудшаванда) ва қатра чакондан чист, ки дар**

**аввал рӯза мешиканад ва дар дуввум рӯза намешиканад?**

**Ҷавоб:** Фарқ миёни ин ду ин аст ,ки касе ки бахурро ба бинӣ мекашад, ӯ қасди онро дорад, ки онро ба шикам фурӯ барад ва аммо қатра чакондан, қасд надорад, ки он ба шикам бирасад ва албатта қасд дорад, ки онро дар бинияш бичаконад, танҳо дар хайшум (байни бинӣ) бичаконад.

**Саволи 423: Чакондани қатраи бинӣ, чашм ва гуш чӣ ҳукм дорад?**

Ҷавоб: Чакондани қатраи бинӣ агар ба меъда бирасад, пас он рӯзаро мешиканад, аз рӯи он чизе ки дар ҳадиси Лақит ибни Сабира омада, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои вай фармуд: "**Дар обро дар бинӣ кардан муболаға кун, магар ин ки рӯзадор бошӣ**" [1].

Барои рӯзадор ҷоиз нест, ки дар бинияш чизе чаконад, ки ба меъдааш расад ва аммо он чизе ки ба меъда намерасад аз чакондани қатраи бинӣ, пас он рӯзаро намешиканад.

Аммо қатари чашм ва монанди он сурма кашидан ва инчунин қатраи гуш, рӯзаи рӯзадорро намешиканад, зеро барои онҳо далели шаръӣ наомадааст ва на ба маънои он чизест ,ки далели шаръӣ бар он омадааст. Чашм роҳ барои хӯрдан ва нӯшидан нест ва инчунин гуш, пас он монанди дигар сурохҳои пуст аст. Аҳли илм раҳимаҳумуллоҳ гуфтанд, ки агар инсон зери қадамашро ба чизе олуда кунад ва мазаи онро дар ҳалқаш эҳсос кунад, пас ба сабаби ин

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

рӯзааш намешиканад, чаро ки он роҳи хӯрдан нест. Бинобар ин касе сурма кашад ё дар чашмаш қатра чаконад ё дар гушаш қатра чаконад ба сабаби ин рӯзахӯр намешавад ва агарчи мазаашро дар ҳалқаш ёбад. Ва боз монанди ин агар рӯзадор барои муолиҷа ва ғайри муолиҷа ба баданаш равған молад, пас зарараш надорад. Инчунин касе ки бемории астма дошта бошад, ин газе ки дар даҳон пошида мешавад, ба хотири осон нафас кашидан истеъмол кунад, пас ба сабаби он рӯзахӯр намешавад, чаро ки ин ба меъда намерасад, пас он хӯрдан ва нӯшидан нест.

**Саволи 424: Шахси рӯзадор эҳтилом шавад, оё рӯзааш дуруст аст?**

**Ҷавоб:** Оре, рӯзааш дуруст аст, чаро ки эҳтилом рӯзаро намешиканад, зеро он беихтиёри инсон аст. Албатта аз инсон қалами таклиф дар ҳоли хоб бардошта шудааст.

Инҷо муносиб аст ,ки огоҳӣ диҳам ба он чи бисёри аз мардум дар ин замон анҷом медиҳанд, ки дар шабҳои Рамазон шаббедорӣ мекунанд ва шояд ба корҳое шаб бедорӣ кунанд, ки ононро ҳеҷ фоида надиҳад, балки ба онон зарар расонад, боз ки рӯз шуд, онро пурра ба хоб мегузаронанд, ин кор ҳаргиз муносиб нест, балки муносиб ин аст, ки инсон рӯзаи худро ҷои тоатҳо бигардонад, ҷои зикр, қироати Қуръон ва ғайра аз корҳое ки боиси наздикӣ ба Аллоҳ таборак ва таъоло мешавад.

**Саволи 425: Худро сард кардани рӯзадор чӣ ҳукм дорад?**

**Ҷавоб:** Барои рӯзадор сард кардан ҷоиз аст, боке надорад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз рӯи гармӣ ё

ташнагӣ бар сараш об мерехт, дар ҳоле ки рӯзадор буд [1], ва Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ба хотири сабук кардани сахтии гармо, ё ташнагӣ либосашро ба об тар мекард, дар ҳоле ки рӯзадор буд ва тарӣ дар рӯза таъсире надорад, зеро он обе нест, ки ба меъда бирасад.

**Саволи 426: Агар рӯзадор мазмаза ё об дар бинӣ кард, пас об ба меъдааш дохил шуд, оё ба сабаби ин рӯзааш мешиканад?**

**Ҷавоб:** Агар рӯзадор мазмаза ё об дар бинӣ кард, пас об дар меъдааш дохил шуд, рӯзааш намешиканад, зеро ӯ қасдан ин корро накардааст. Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَلَيۡسَ عَلَيۡكُمۡ جُنَاحٞ فِيمَآ أَخۡطَأۡتُم بِهِۦ وَلَٰكِن مَّا تَعَمَّدَتۡ قُلُوبُكُمۡ﴾ الأحزاب: ٥

"**Ва дар он чи ки қаблан хато кардаед, гуноҳе бар шумо нест ва лекин он чиро ки дилҳои шумо аз рӯи қасд мехоҳад**". (Сураи Аҳзоб, ояти: 5).

**Саволи 427: Истеъмол кардани атр ва хушбӯӣ барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад?**

**Ҷавоб:** Боке надорад, ки атрро дар рӯзҳои Рамазон истеъмол кунад ва онро истиншоқ кунад, ҷуз бахур (хушбӯӣ дудшаванда), пас бахурро истиншоқ намекунад, зеро он дорои тана аст, ки дохили меъда мешавад ва он ҳамон дуд аст.

**Саволи 428: Оё хуни бинӣ рӯзаро мешиканад?**

**Ҷавоб:** Хуни банӣ агарчи зиёд ҳам бошад, рӯзаро намешиканад, зеро ин кор бе ихтиёри соҳибаш мебошад.

---

[1] Ривояти Абӯдовуд, китоби Рӯза, боб оиди ин ки рӯзадор аз рӯи ташнагӣ бар худаш об мерезад..., рақами (2365).

**Саволи 429: Баъзе тақвимҳоро дар моҳи Рамазон мебинем, ки дар он як қисм хос ба номи худдорӣ аст ва онро даҳ дақиқа ё понздаҳ дақиқа пеш аз вақти намози бомдод гузошта шудааст, оё ин кор дар суннат асл дорад ё он а зҷумлаи бидъатҳост? Моро дар ин бора фатво диҳед, аҷрдода шавед.**

**Ҷавоб:** Ин аз ҷумлаи бидъат аст ва дар суннат ягон асл надорад, балки суннат бар хилофи ин аст, чаро ки Аллоҳ таъоло дар китоби азизаш (Қуръон) фармуд:

﴿وَكُلُوا۟ وَٱشْرَبُوا۟ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَكُمُ ٱلْخَيْطُ ٱلْأَبْيَضُ مِنَ ٱلْخَيْطِ ٱلْأَسْوَدِ مِنَ ٱلْفَجْرِ﴾ البقرة: ١٨٧ "**Ва бихӯреду биёшомед то риштаи равшани субҳдам дар торикии шаб ошкор шавад**". (Сураи Бақара, ояти: 187)

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Билол дар шаб азон медиҳад, пас бихӯред ва бинӯшед, то азони Ибни Умми Мактумро шунавед, пас вай азон намедиҳад, то ки субҳ бидамад**" [1], ин худдорие ки баъзе мардум мекунанд, зиёда бар он чизе ки Аллоҳ азза ва ҷалла фарз гардонда аст, ботил мебошад ва он аз ҷумлаи зиёдаравӣ дар дини Аллоҳ аст. Ва Паёмбар алайҳис салоту вас салом фармуд: "**Сахтгирандагон ҳалок шуданд, сахтгирандагон ҳалок шуданд, сахтгирандагон ҳалок шуданд**" [2].

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Ҳаргиз шуморо манъ накунад....", рақами (1918) ва Муслим, китоби Рӯза, боби баёни ин ки дар рӯза даромадан ба дамидани субҳ воқеъ мешавад..., рақами (1092).

[2] Ривояти Муслим, китоби Илм, боби сахтгирандагон ҳалок шуданд, рақами (2670).

**Саволи 430: Касе ки офтоб бар вай нишаст ва муаззин азон дод ва вай дар фурудгоҳ (аэропорт) бошад, пас ифтор кард ва баъди парвози ҳавопаймо офтобро дид, оё аз ифтор худдорӣ мекунад?**

**Ҷавоб:** Посухи мо ба ин савол ин аст, ки бар ин шахс аз ифтор худдорӣ кардан лозим намешавад, зеро вақти ифтор ҳангоме дохил шуд, ки онҳо дар замин буданд ва офтоб нишаст ва онҳо дар ҷое буданд, ки офтоб нишаста буд. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Вақте ки шаб аз инҷо пеш ояд ва рӯз аз инҷо пас рафт ва офтоб нишаст, онгоҳ рӯзадор ифтор кунад**" [1], пас чун касе ки бар вай офтоб нишаст, агар ифтор кард ва вай дар фурудгоҳ буд, пас рӯзи вай ба поён расидааст ва вақте ки рӯзаш ба поён расид, худдорӣ аз ифтор бар вай лозим нест, магар дар фардо, бинобар ин худдорӣ аз ифтор дар чунин ҳол лозим нест, зеро ифтор ба муқтазои далели шаръӣ сурат гирифтааст, пас худдорӣ аз ифтор лозим намеояд, магар ба далели шаръӣ.

**Саволи 431: Ҳукми фурӯ бурдани балғам ва ё оби бинӣ барои рӯзадор чист?**

**Ҷавоб:** Балғам ё оби бинӣ агар ба даҳон нарасад, рӯзаро намешиканад ва дар ин масъала дар мазҳаб (-и ҳанбалӣ) як қавл аст, пас агар ба даҳон расад, сипас онро фурӯ барад, пас дар ин бора барои олимон раҳимаҳумуллоҳ ду қавл аст:

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби рӯза дар сафар ва ифтор, рақами (1941) ва Муслим, китоби Рӯза, боби вақти гузаштани рӯза, рақами (1101).

Баъзе олимон гуфтанд, ки рӯзаро мешиканад, зеро он ба хӯрдан ва нӯшидан мепайвандад.

Ва баъзеи онон гуфтанд, ки рӯзаро намешиканад, зеро он ба оби даҳон мепайвандад ва ба оби даҳон рӯза ботил намешавад, ҳатто агар оби даҳони худро ҷамъ карда ва онро фурӯ барад рӯзааш фосид намешавад.

Ҳаргоҳ олимон ихтилоф карданд, пас бозгашт ба сӯи Қуръон ва суннат мебошад ва чун мо дар ин шак кардем, ки оё ибодатро фосид мекунад ё не? Пас асл фосид нашудан аст, бинобар ин фурӯ бурдани оби бинӣ рӯзаро намешиканад.

Муҳим ин ки инсон оби биниро бигузорад ва кӯшиш накунад, ки онро аз зери ҳалқи худ ба даҳонаш ҷазб намояд, лекин агар ба даҳон расид бояд онро берун созад, хоҳ рӯзадор бошад ё рӯзадор набошад, аммо рӯзаро шикастан ниёз ба далеле дорад, ки барои инсон назди Аллоҳ азза ва ҷалла дар фосид сохтани рӯза ҳуҷҷат бошад.

**Саволи 432: Оё рӯза ба чашидани таом ботил мешавад?**

**Ҷавоб:** Рӯза ба чашидани таом, агар онро фурӯ набарад, ботил намешавад, лекин ин корро намекунад, магар вақте ки ба он ҳоҷат бошад. Дар ин ҳол агар чизе аз он ба шикамат беқасд дохил шавад, пас рӯзаат ботил намешавад.

**Саволи 433: Оё сухан кардани шахс ба сухани ҳаром дар рӯзи Рамазон, рӯзаро фосид мекунад?**

**Ҷавоб:** Ҳаргоҳ мо ин фармудаи Аллоҳ азза ва ҷалларо бихонем:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣ ﴾ البقرة: ١٨٣

"**Эй касоне ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз шудааст, чунон ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд фарз шуда буд, то бошад парҳезгор шавед**". (Сураи Бақара, ояти: 183). Донистем, ки ҳикмат аз фарз гардондани рӯза ҳамон тақво ва парастидани Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст. Ва тақво иборат аз тарки ҳаромҳост. Ва тақво ҳангоме ки мутлақ ояд, шомили кори амршуда ва тарк кардани манъшуда мебошад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Касе ки дурӯғгӯӣ ва ба он амал карданро тарк накунад ва ҷаҳлро тарк накунад, Аллоҳ ҳоҷате надорад, ки ӯ хӯрданӣ ва нӯшидании худро тарк кунад**" [1].

Бинобар ин бар рӯзадор аз гуфторҳо ва кирдорҳои ҳаром дур шудан таъкид мешавад, пас мардумро ғайбат намекунад ва дурӯғ намегӯяд ва дар миёни онон суханчинӣ намекунад ва савдои ҳаром намекунад ва аз ҳамаи ҳаромҳо парҳез мекунад. Агар инсон як моҳи пурра ба иҷрои амршудаҳо ва тарки ҳаромҳо қоим шавад, пас нафсаш дар боқии сол рост мешавад.

Локин мутаассифона бисёри рӯзадорон байни рӯзи рӯза ва рӯзи ифторашон фарқе намегузоранд, пас онон бар одате ки бар он буданд, аз гуфторҳои ҳаромшуда яъне дурӯғ, хиёнат ва ғайра. Ва ҳеҷ чизе аз бузургвории рӯзаро

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боб дар бораи касе ки сухани дурӯғ ва ба он амал карданро дар рӯза тарк накунад, рақами (1903).

дар ӯ ҳис намекунӣ, ин амалҳо рӯзаро ботил намекунад, локин аҷру подоши онро кам мекунад ва шояд дар ҳангоми баробарӣ, он амалҳо бар аҷри рӯза бартарӣ ёфта ва аҷру подоши рӯзаро зоеъ кунад.

**Саволи 434: Шаҳодати дурӯғ чист? Оё рӯзаро ботил мекунад?**

**Ҷавоб:** Шаҳодати дурӯғ аз бузургтарин гуноҳони кабира аст ва он иборат аз шаҳодат додани мард ба чизе ки намедонад, ё ба чизе ки хилофи онро медонад ва рӯзаро ботил намесозад, локин аҷру подоши онро кам мекунад.

**Саволи 435: Одоби рӯза чист?**

**Ҷавоб:** Аз одоби рӯза лозим гирифтани тақвои Аллоҳ азза ва ҷалла аст ва он ҳам бо анҷом додани амрҳои Ӯ ва дур шудан аз манъкардаҳои Ӯст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ كُتِبَ عَلَيۡكُمُ ٱلصِّيَامُ كَمَا كُتِبَ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِكُمۡ لَعَلَّكُمۡ تَتَّقُونَ ١٨٣ ﴾ البقرة: ١٨٣

"**Эй касоне ки имон овардаед! Рӯза бар шумо фарз шудааст, чунон ки бар касоне ки пеш аз шумо буданд фарз шуда буд, то бошад парҳезгор шавед**". (Сураи Бақара, ояти: 183).

Ва аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Касе ки дурӯғгӯӣ ва ба он амал карданро тарк накунад ва ҷаҳлро тарк накунад, Аллоҳ ҳоҷате надорад, ки ӯ хӯрданӣ ва нӯшидании худро тарк кунад**" [1].

---

[1] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.

Аз одоби рӯза ин аст, ки бисёр садақа диҳад, некӣ кунад ва ба мардум эҳсон кунад, хоссатан дар моҳи Рамазон, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сахитарини мардум буданд ва дар моҳи Рамазон бештар сахитар мешуд, онгоҳ ки Ҷибраил алайҳис саломро мулоқот мекарданд, пас Қуръонро бо ҳам мехонданд ва такрор мекарданд [1].

Ва аз одоби рӯза ин аст, ки он чиро Аллоҳ таъоло бар вай ҳаром гардонда аст, парҳез кунад, монанди дурӯғ гуфтан, дашном додан, фиребкорӣ, хиёнат, назари ҳаром, шунидани чизи ҳаром ва ғайра аз ҳаромҳо, ки бар шахси рӯзадор ва бар ғайри он воҷиб аст, ки аз он парҳез кунад, лекин парҳез кардан аз он дар ҳаққи рӯзадор таъкид шудатар аст.

Ва аз одоби рӯза ин аст ки саҳархӯрӣ кунад ва саҳархӯриро таъхир кунад, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Саҳарӣ бихӯред, зеро дар хӯрдани саҳарӣ баракат аст**" [2].

Ва боз аз одоби рӯза ин аст ки бар хурмои тар ифтор шавад, пас агар хурмои тар наёбад, пас ба хурмои хушк ифтор кунад, пас агар хурмои хушк наёфт, бо об рӯзаро кушояд ва ин ки ба ифтор кардан бишитобад ва он ҳам замони таҳқиқ шудани нишастани офтоб, ё бар гумонаш ғолиб шавад, ки офтоб нишаста аст, аз рӯи фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Мардум ҳамеша**

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар моҳи Рамазон сахитарин буд, рақами (1902).

[2] Ривояти Бухорӣ ,китоби Рӯза, боби баракати саҳархӯрӣ..., рақами (1923) ва Муслим, китоби Рӯза, боби фазли саҳархӯрӣ..., рақами (1095).

**дар хайр ҳастанд, то замоне ки дар ифторашон шитоб кунанд..."** [1].

**Саволи 436: Оё инҷо дуои суннатӣ дар вақти ифтор аст? Оё рӯзадор муаззинро мутобаат мекунад, ё дар ифтораш идома медиҳад?**

**Ҷавоб:** Дар вақти ифтор дуо кардан вақти иҷобати дуо аст, зеро он дар охири ибодат аст ва ба хотири он ки инсон дар наздики ифтораш ғолибан дар сахттарин ҳолати заъф ва камзурии нафс қарор дорад ва ҳар қадар ки нафси инсон заифтар ва қалбаш нармтар бошад, вай ба инобат (тавба, пушаймонӣ) ва фурӯтанӣ ба сӯи Аллоҳ азза ва ҷалла наздиктар мебошад.

Ва дуои суннатӣ: "**Аллоҳумма лака сумту ва ало ризқика афтарту**", "**Парвардигоро! Ман ба хотири Ту рӯза гирифтам ва бар рӯзии Ту ифтор намудам**". Ва боз аз дуоҳои суннатӣ гуфтаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки дар вақти ифтор мегуфтанд: "**Заҳаба-з-замаа вабталатил уруқ ва сабатал аҷру иншоаллоҳ**", "**Ташнагӣ рафт ва рагҳо тар шуданд ва аҷру подош ба хости Аллоҳ собит шуд**" [2].

Агарчи дар ин ду ҳадис заъф аст, локин баъзе олимон раҳимаҳумуллоҳ он дуро ҳасан гуфтаанд ва ба ҳар ҳол, ҳаргоҳ ба ин дуо кунӣ, ё ба ғайри ин дуо кунӣ, аз он чизе ки бар қалбат дар вақти ифтор мегузарад, пас ин мақом мақоми иҷобати дуо аст.

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби барвақт ифтор кардан, рақами (1957) ва Муслим, китоби Рӯза, боби фазли саҳархӯрӣ...., рақами (1098).

[2] Ривояти Абӯдовуд, китоби Рӯза, боби гуфтан дар вақти ифтор, рақами (2357).

Аммо такрори азон бо муаззин дар ҳангоме ки инсон ифтор мекунад, кори шаръӣ аст, зеро фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "**Ҳаргоҳ муаззинро шунидед, пас монанди он чи муаззин мегӯяд, бигӯяд**" [1],

Шомили ҳар ҳоле аз аҳвол аст, ҷуз он чи далеле бар истисно буданаш далолат дорад.

**Саволи 437: Назари шумо дар рӯзаи шаш рӯзи моҳи Шаввол бар касе ки қазо воҷиб аст, чист?**

**Ҷавоб:** Ҷавоб бар ин савол аз фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Касе ки моҳи Рамазонро рӯза дорад, боз дар паи он шаш рӯзи Шаввволро рӯза дорад, монанди он аст, ки ҳамаи солро рӯза гирифта бошад**" [2].

Ва ҳаргоҳ бар инсон қазои рӯзаи Рамазон бошад ва шаш рӯз рӯза гирифт, оё он шаш рӯзро пеш аз Рамазонрӯза гирифтааст ё баъди Рамазон?

Мисоли ин: Марде бисту чор рӯзи Рамазонро рӯза гирифт ва бар вай шаш рӯз боқӣ монд, агар шаш рӯзи Шавволро пеш аз шаш рӯзи қазо гирад, пас гуфта намешавад, ки ӯ Рамазонро рӯза гирифтааст, сипас аз паи он шаш рӯзи Шавволро гирифтааст, чаро гуфта намешавад, ки Рамазонро рӯза гирифтааст, магар замоне ки онро комил кунад. Бинобар ин аҷри рӯзаи шаш рӯзи Шаввол собит наме-

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Азон, боби он чи мегӯяд, ҳаргоҳ муаззинро шунавад, рақами (611) ва Муслим, китоби Намоз, боби гуфтан монанди гуфтаи муаззин, рақами (384).

[2] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боби мустаҳаб будани рӯзаи шаш рӯзи Шаввол, рақами (1164).

шавад барои касе ки онро рӯза гирифта аст, дар ҳоле ки бар вай қазои рӯзаи Рамазон аст.

Ин масъала аз боби ихтилофи олимон дар ҷоиз будани рӯзаи нафлӣ гирифтан бар касе ки болои вай рӯзаи қазоӣ аст, нест, зеро ин ихтилоф дар ғайри рӯзҳои шашгона аст. Аммо рӯзҳои шашгона тобеъи Рамазонанд ва имкон надорад савоби онро собит намуд, ҷуз ба касе ки рӯзаи Рамазонро комил кардааст.

**Саволи 438: Беморе дар моҳи Рамазон рӯзаашро хӯрд ва чор рӯз пас аз даромадани моҳ фавтид, пас оё аз тарафи вай рӯза қазо дошта мешавад?**

Ҷавоб: Ҳаргоҳ бемориҳои ғайричашмдошт бошад, то фавтиданаш идома ёбад, пас аз ҷониби вай рӯза қазо дошта намешавад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوْ عَلَىٰ سَفَرٍ فَعِدَّةٌ مِّنْ أَيَّامٍ أُخَرَ﴾ البقرة: ١٨٥

"**Ва ҳар кас ки бемор ё дар сафар буд, пас рӯзҳои дигарро рӯза бигирад**". (Сураи Бақара, ояти: 185)

Бар ин бемор воҷиб аст, ки дар рӯзҳои дигар рӯза гирад ва ҳаргоҳ пеш тавони рӯза гирифтан бимирад, қазо доштани рӯза аз вай соқит мешавад, зеро ба вақте ки дар он ба вай рӯза доштан воҷиб аст нарасид, пас вай монанди касе аст, ки дар моҳи Шаъбон фавтида аст, пасбар вай рӯзаи моҳи Рамазони ояндаро гирифтан воҷиб намебошад. Аммо агар беморӣ аз бемориҳое бошад, ки умеди шифо ёфтанаш набошад, пас аз аввал бар вай воҷиб аст ,ки ба ҷои ҳар рӯз як мискинро таом диҳад.

**Саволи 439: Марде ки бар вай як рӯзи моҳи Рамазон монда аст ва онро қазо надоштааст, то ки бар вай Рамазони дуюм медарояд, пас чӣ мекунад?**

**Ҷавоб:** Маълум аст, ки Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:

﴿ فَمَن شَهِدَ مِنكُمُ ٱلشَّهۡرَ فَلۡيَصُمۡهُۖ وَمَن كَانَ مَرِيضًا أَوۡ عَلَىٰ سَفَرٖ فَعِدَّةٞ مِّنۡ أَيَّامٍ أُخَرَ ﴾

البقرة: ١٨٥

"**Пас ҳар кас аз шумо ин моҳро дарёбад, пас бояд ки онро рӯза бигирад. Ва ҳар кас ки бемор ё дар сафар буд, пас рӯзҳои дигарро рӯза бигирад**". (Сураи Бақара, ояти: 185) Ин марде ки ба узри шаръӣ рӯзаашро хӯрда аст, бар вай воҷиб аст, ки аз рӯи ба ҷо овардани амри Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло он рӯзро қазо дорад ва бар вай воҷиб аст, ки дар худи ҳамон сол қазо дорад, пас он рӯзро то пас аз Рамазони дуввум дер накунад, аз рӯи гуфтаи Оиша разияллоҳу анҳо: "**Бар ман қазоӣ рӯза аз моҳи Рамазон мемонд, пас ман наметавонистам онро қазо дорам магар дар моҳи Шаъбон**" [1], ин кор ба хотири мақому манзалати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар назди вай буд. Пас гуфтаи вай: " **наметавонистам онро қазо дорам магар дар моҳи Шаъбон**" далел бар ин аст, ки бояд пеш аз Рамазони дуввум онро қазо дорад, локин агар онро то пас аз Рамазони дуввум дер кунад, пас бояд аз Аллоҳ таъоло талаби мағфират кунад ва дар назди Ӯ тавба кунад ва аз кардаи худ пушаймон шавад ва он рӯзро қазо дорад, чаро қазо доштан ба сабаби дер кардан фавт намешавад,

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби кай қазои рӯзаро медорад, рақами (1950) ва Муслим, китоби Рӯза, боби қазои Рамазон дар моҳи Шаъбон, рақами (1146).

пас он рӯзро қазо медорад, агарчи пас аз Рамазони дуввум ҳам бошад ва тавфиқдиҳанда Аллоҳ аст.

**Саволи 440: Дар рӯзаи шаш рӯзи моҳи Шаввол чӣ тавр беҳтар аст?**

**Ҷавоб:** Беҳтар ин аст, ки рӯзаи шаш рӯзи Шаввол дар ҳол баъди ид, пай дар пай бошад, чунонки олимон разияллоҳу анҳум гуфтаанд, зеро ин кор дар пай гирифтан расотар аст, ки дар ҳадис омадааст: "**Сипас дар пайи он шаш рӯз аз Шаввол рӯза дорад**", зеро ин кор дар кори хайр сабқат кардан аст, ки далел бар тарғибу ташвиқи он ва ҳамду ситоиш бар анҷомдиҳандаи он омадааст ва ба хотири он ки ин кор аз устуворкорӣ аст, ки он аз камоли банда аст, пас ҳаргиз муносиб нест, ки чунин фурсатҳо аз даст дода шавад, зеро инсон намедонад, ки дар ҳоли дуввум ва охири кор чӣ пеш меояд. Ин кор, мақсадам дар иҷрои кор шитоб кардан ва ба даст овардани фурсатҳо, сазовор аст ки банда дар ҳамаи корҳои худ қадам занад, замоне ки дурустӣ дар он кор маълум шавад.

**Саволи 441: Оё барои инсон ҷоиз аст, ки рӯзҳоеро, ки аз моҳи Шаввол рӯза мегирад, интихоб кунад, ё ин ки ин рӯзҳо вақти маълум доранд? Ва агар мусалмон ин рӯзҳоро рӯза бигирад, оё бар вай рӯза гирифтани он дар ҳар сол фарз мегардад?**

**Ҷавоб:** Аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки фармуд: "**Касе ки моҳи Рамазонро рӯза дорад, боз дар паи он шаш рӯз аз Шавволро рӯза гирад, монанди он аст ки тамоми сол рӯза дошта аст**" [1].

[1] Тахриҷи он гузашта аст, саҳифаи ( ) нигоҳ кунед!

Ин шаш рӯз, рӯзҳои муайян надорад, балки мӯъмин аз ҳамаи моҳ онро ихтиёр мекунад, агар хоҳад онро дар аввали моҳ рӯза медорад ва агар хоҳад дар миёнаи моҳ рӯза медорад ва агар хоҳад дар охири моҳ рӯза медорад ва агар хоҳад ҷудо-ҷудо рӯза медорад, амр дар ин бора кушод аст, алҳамду лиллоҳ. Агар ба он шитоб кунад ва онро дар аввали моҳ пай дар пай рӯза дорад, ин кор беҳтар аст, чаро ин кор аз боби дар кори хайри шитоб кардан аст, локин алҳамду лиллоҳ дар ин бора танггирӣ нест, балки амр дар ин бора кушод аст, агар хоҳад пай дар пай гирад ва агар хоҳад ҷудо-ҷудо гирад. Боз агар онро баъзе солҳо бигирад ва баъзе солҳо тарк кунад, боке надорад, зеро ки он нафл асту фарз нест.

**Саволи 442: Ҳукми рӯзаи рӯзи Ошуро чист?**

Ҷавоб: Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам вақте ки Мадина омаданд, яҳудиёнро дарёфтанд ,ки рӯзи даҳуми моҳи Муҳаррамро рӯза мегиранд, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ман оиди Мусо алайҳис салом нисбат ба шумо ҳақдортар ҳастам**", пас он рӯзро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он рӯз амр кард [1].

Ва дар ҳадиси Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, ки бар дурустии он иттифоқ шудааст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯзи Ошуро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтани он рӯз амр кард ва аз фазилати рӯзаи он пурсида шуд, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "**Ман бар Аллоҳ яқин дорам, ки гуноҳи соли**

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боб оиди рӯзаи Ошуро, рақами (2004) ва Муслим, китоби Рӯза, боб оиди рӯзаи рӯзи Ошуро, рақами (1130).

**ояндаро авф кунад**" [1], магар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам баъди он ба мухолифатии яҳуд амр кард, ки рӯзи даҳум ва як рӯз пеш аз он, рӯзи нуҳум ё як рӯз баъди он, рӯзи ёздаҳум рӯза гирифта шавад.

Бинобар ин, беҳтар ин аст, ки рӯзи даҳумро рӯза гирад ва ба он як рӯз пеш аз он ё як рӯз пас аз он ба он изофа кунад ва изофа кардани рӯзи нуҳум бар он аз изофа кардани рӯзи ёздаҳум беҳтар аст.

Пас, бароидари мусалмон барои ту шоиста аст, ки рӯзи Ошуроро рӯза гирад ва инчунин рӯзи нуҳумро рӯзи гирад.

Саволи 443: Ҳукми рӯза доштан дар моҳи Шаъбон чист?

Ҷавоб: Рӯза гирифтан дар моҳи Шаъбон суннат аст ва бештар рӯза гирифтан суннат аст, аз рӯи гуфтаи Оиша разияллоҳу анҳо: "**Ман Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро надидам, ки бештар аз моҳи Шаъбон рӯза бигирад**" [2]. Пас аз рӯи ин ҳадис шоиста аст, ки дар моҳи Шаъбон бештар рӯза гирифт.

Олимон гуфтаанд раҳимаҳумуллоҳ: Рӯзаи Шаъбон монанди суннатҳои ротиба нисбат ба намозҳои фарзӣ аст ва рӯза гирифтани ин моҳ муқаддима барои моҳи Рамазон аст, яъне гӯё он ротибаи моҳи Рамазон аст ва ба хотири ин рӯза гирифтан дар моҳи Шаъбон ва шаш рӯз аз моҳи Шаввол суннат шудааст, монанди суннатҳои ротибаи пеш ва пас аз намозҳои фарзаст. Ва дар рӯза гирифтани моҳи

[1] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боб оиди се рӯз аз ҳар моҳ ва рӯзаи рӯзи Арафа гирифтан мустаҳаб аст, рақами (1162).

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби рӯзаи Шаъбон, рақами (1969) ва Муслим, китоби Рӯза, боби рӯзаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ғайри Рамазон, рақами (1156).

Шаъбон фоидаи дигаре ҳаст ва он одат додани нафс ва омода сохтани он барои рӯза аст, то барои рӯза гирифтан дар моҳи Рамазон омода шуда ва адои он барояш осон шавад.

**Саволи 444: Агар инсон як рӯз рӯзи дорад ва як рӯз ифтор кунад ва рӯзи рӯзааш ба рӯзи ҷумъа мувофиқ ояд, пас оё барояш ҷоиз аст, ки рӯзи ҷумъаро рӯза гирад ё не?**

**Ҷавоб:** Оре, инсоне ки як рӯз рӯза мегирад ва як рӯз ифтор мекунад, ҷоиз аст, ки рӯзи ҷумъа, ё шанбе, ё якшанбе, ё дигар рӯзҳоро ба танҳоияш рӯза гирад, модоме ки рӯзҳоеро ки рӯза гирифтан дар он ҳаром аст, рост наояд, пас агар рӯзҳоеро, ки рӯза гирифтан дар он ҳаром аст рост ояд, бар вай тарки рӯза воҷиб аст. Агар фарз кунем, ки марде як рӯз рӯза мегирад ва як рӯз ифтор мекунад, пас рӯзи ифтораш рӯзи панҷшанбе шуд ва рӯзи рӯзааш рӯзи ҷумъа, пас инҳангом бар вай боке нест, ки рӯзи ҷумъа рӯза гирад, чаро ки вай рӯзи ҷумъаро ба хотири рӯзи ҷумъа буданаш рӯза нагирифта аст, зеро ба рӯзе рост омада, ки дар он рӯза мегирад. Аммо агар ба рӯзе рост ояд, ки дар он  рӯза гирифтан ҳаром аст, пас рӯза нагирифтан воҷиб мешавад, ҳамчуноне ки ба рӯзи иди қурбон ё рӯзҳои ташриқ рост ояд. Инчунин зане ки як рӯз рӯза мегирифт ва як рӯз ифтор мекард, пас бар вай чизе пеш омад, ки рӯза гирифтанро манъ мекунад, аз ҳайз, ё нифос пас инҳангом рӯза намегирад.

**Саволи 445: Рӯзаи висол чист? Оё он шаръӣ аст?**

**Ҷавоб:** Рӯзаи висол ин аст, ки инсон ду рӯз ифтор намекунад, пас рӯзаро ду рӯз паи ҳам мегирад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз рӯзаи висол манъ карда фармуд: "**Касе хоҳад рӯзаи худро идома диҳад, пас то саҳар идома диҳад**" [1]. Ва то саҳар идома додани рӯза ҷоиз аст ва шаръан талабшуда нест. Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бар барвақт ифтор кардан ташвиқ карда фармуд: "**Мардум ҳамеша бар хубӣ ҳастанд, модоме ки дар ифтор кардан шитоб кунанд**" [2]. Локин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои онон танҳо то саҳар идома додани рӯзаро иҷозат дод, пас замоне гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, шумо рӯзаи висол мегиред, пас фармуд: "**Ман монанди шумо нестам**" [3].

**Саволи 446: Иллати хос аз рӯзаи рӯзи ҷумъа манъ кардан дар чӣ аст? Оё ин манъ рӯзаи қазоро шомил мешавад?**

Ҷавоб: Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки фармуд: "**Рӯзи ҷумъаро ба рӯза гирифтан ва шаби онро ба қиём хос накунед**" [4].

Ва ҳикмат дар манъ кардани хос кардани рӯзи ҷумъа ба рӯза доштан ин аст, ки рӯзи ҷумъа иди ҳафта аст, пас он яке аз идҳои шаръи сегона аст, зеро дар дини Ислом се ид аст, иди фитр аз Рамазон, иди қурбон ва иди ҳафта ва он рӯзи ҷумъа аст, пас ба хотири ин аз танҳо рӯза доштани

---

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби идома додани рӯза то саҳар, рақами (1963).
[2] Тахриҷаш дар саҳифаи ( ) гузашт.
[3] Ривояти Бухорӣ, китоби Рӯза, боби баракати саҳархӯрӣ бевоҷиб будан, рақами (1922) ва Муслим ,китоби Рӯза, боби наҳй аз рӯзаи висол, рақами (1102).
[4] Ривояти Муслим, китоби Рӯза, боби кароҳияти рӯзаи рӯзи ҷумъа ба танҳоияш, рақами (1144).

он наҳй шудааст. Ва ба хотири он ки рӯзи ҷумъа рӯзест, ки бояд мардон дар он рӯз ба сӯи намози ҷумъа бишитобанд ва ба дуову зикр машғул шаванд, пас он монанди рӯзи Арафа аст, ки барои ҳоҷӣ рӯза гирифтан ҷоиз нест, чаро ҳоҷӣ ба дуову зикр машғул аст.

Ва маълум аст, ки дар вақти анбӯҳи ибодатҳо, ибодатҳое ки дер кардани баъзеи онҳо имкон дошта бошад, он ибодате ки дер карданаш мумкин нест бар ибодате ки дер карданаш мумкин аст, тақдим мешавад.

**Агар гӯяндае гӯяд,** ки ин иллатгузории шумо, ки иди ҳафта аст, тақозои инро дорад, ки рӯза гирифтани он ҳаром аст, монанди рӯзҳои ид, на фақат танҳо рӯза доштани он.

**Мегӯем:** Рӯзи ҷумъа аз рӯзи идҳо ихтилоф дорад, чаро ки рӯзи ҷумъа дар як моҳ чор бор такрор мешавад, ба хотири ин наҳй дар он барои ҳаром будан нест, боз дар идҳо дигар маъниҳо аст, ки дар рӯзи ҷумъа нест.

Ва аммо агар як рӯз пеш аз он ва як рӯз пас аз он рӯза бигирад, инҳангом дониста мешавад, ки мақсад аз рӯза доштан хос кардани рӯзи ҷумъа ба рӯза доштан нест, чаро ки вай як рӯз пеш аз он ва он ҳам рӯзи панҷшанбе аст ё як рӯз пас аз он ва он ҳам рӯзи шанбе аст рӯза гирифта аст.

**Аммо сухани саволдиҳанда:** Оё ин манъ хос ба рӯзаи нафлӣ аст ё шомили рӯзаи қазо ҳам аст?

Албатта зоҳири далелҳо умум аст ва он ки хос кардани он ба рӯза макрӯҳ аст, хоҳ рӯзаи фарзӣ бошад ё нафлӣ, магар он ки инсон соҳиби коре бошад, ки аз кори худ фориғ намешавад ва барояшон муяссар намешавад, ки

рӯзаашро қазо дорад, магар дар рӯзи ҷумъа, пас онгоҳ барояш макрӯҳ нест, ки онро ба танҳоӣ рӯза бигирад, чун вай ба ин кор ниёз дорад.

**Саволи 447: Агар инсон рӯзаи нафлиро ба шиканандае аз шиканандаҳои рӯза фосид кунад, оё гунаҳгор мешавад? Агар ба ҳамхобагӣ рӯзаро фосид кунад, оё бар вай кафорат лозим мешавад?**

**Ҷавоб:** Агар инсон рӯзаи нафлӣ бигирад, сипас ба хӯрдан ё нӯшидан ё ҳамхобагӣ онро фосид кунад, бар вай гуноҳе нест, зеро ҳар касе дар нафле шурӯъ кунад, бар ӯ тамом кардани он лозим намешавад, магар дар ҳаҷ ва умра, локин беҳтар ин аст, ки онро пурра кунад. Агар дар ҳоли рӯзаи нафлӣ ҳамхобагӣ кард, бар вай кафорат лозим намешавад, чаро ки комил кардани он бар ӯ лозим намебошад.

Агар рӯзаи фарзӣ бошад ва бо ҳамсараш ҳамхобагӣ кунад, ин кор ҷоиз нест, чаро ки рӯзаи фарзиро безарурат қатъ кардан ҷоиз намебошад. Ва бар вай кафорат лозим намешавад, магар ки дар рӯзҳои Рамазон бошад ва вай аз касоне бошад, ки рӯза бар вай фарз бошад. Ва ба гуфтаи мо аҳамият бидеҳ: "Вай аз касоне бошад, ки рӯза бар вай фарз бошад", агар фарз карда шавад, ки мард бо ҳамсараш сафар кунад ва дар сафар рӯза гиранд, сипас бо ҳамсараш ҳамхобагӣ кард, пас бар онҳо гуноҳе нест ва бар онҳо кафорат нест ва албатта бар вай ва ҳамсараш фарз аст, ки он рӯзеро, ки дар он ҳамхобагӣ кардаанд, қазо доранд.

**Саволи 448: Ҳукми эътикоф чист? Оё барои эътикофшин ҷоиз аст, ки барои баровардани ҳоҷат ва хӯр-**

**дан ва инчунин барои муолиҷа бароянд? Ва суннатҳои эътикоф чист? Ва тарзи эътикофи дуруст аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чигуна собит шудааст?**

**Ҷавоб:** Эътикоф ҳамеша дар масҷидҳо гушанишинӣ кардан ба хотири тоати Аллоҳ азза ва ҷалла аст ва он ба хотири ҷустуҷӯи шаби қадр суннат аст ва Аллоҳ таъоло ба ин фармудаи худ ба он ишора кардааст:

﴿وَلَا تُبَٰشِرُوهُنَّ وَأَنتُمۡ عَٰكِفُونَ فِي ٱلۡمَسَٰجِدِ﴾ البقرة: ١٨٧

"**Дар ҳоле ки дар масҷидҳо эътикоф шиштаед бо занон ҳамхобагӣ накунед**". (Сураи Бақара, ояти: 187)

Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим ва ғайрашон собит аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ёронаш разияллоҳу анҳум ҳамроҳи Ӯ эътикоф нишастанд [1] ва эътикоф дар шариат боқӣ монду бекор нашуд.

Дар Бухорӣ ва Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо ривоят аст, ки гуфт: "Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳ рӯзи охири Рамазон эътикоф менишаст, то Аллоҳ азза ва ҷалла ӯро миронид, сипас ҳамсаронаш баъд аз вай эътикоф нишастанд" [2].

Ва дар Саҳеҳи Муслим аз Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар даҳ рӯзи аввали Рамазон эътикоф нишаст, сипас дар даҳ рӯзи миёнаи он эътикоф нишаст, сипас фармуд: "**Ман дар даҳ рӯзи аввал эътикоф нишастам, ин шабро (яъне**

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби Эътикоф, боби эътикоф, рақами (2036).

[2] Ривояти Бухорӣ, китоби эътикоф, боби эътикоф дар даҳ рӯзи охир, рақами (2026) ва Муслим, китоби эътикоф, боби эътикоф дар даҳ рӯзи охири Рамазон, рақами (1172).

**шаби қадрро) ҷустуҷӯ мекардам, сипас даҳ рӯзи миёнаро эътикоф нишастам, сипас ба наздам омада шуд, пас ба ман гуфта шуд: Он (шаби қадр) дар даҳ рӯзи охир аст, пас касе аз шумо хоҳад эътикоф шинад, пас эътикоф шинад**" [1], пас мардум бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам эътикоф нишастанд.

Имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ гуфт: Аз ягон олим дар суннат будани эътикоф хилоферо намедонам.

Бинобар ин эътикоф ба далели Қуръон, суннат ва иҷмоъ суннат аст.

Ва ҷои эътикоф масҷидҳоест, ки дар он ҷамоат барпо мешавад, дар кадом шаҳре ки бошанд, аз рӯи умуми фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿وَأَنتُمْ عَـٰكِفُونَ فِى ٱلْمَسَـٰجِدِ﴾ البقرة: ١٨٧ "**Дар ҳоле ки дар масҷидҳо эътикоф шиштаед**". (Сураи Бақара, ояти: 187) Беҳтар ин аст, ки дар масҷиде ки ҷумъа барпо мешавад, эътикоф шинад, то барои хондани намози ҷумъа ба баромадан мӯҳтоҷ нашавад, пас агар дар ғайри масҷиди ҷумъахонӣ эътикоф шинад, пас боке надорад, ки барвақт ба сӯи намози ҷумъа равад.

Барои эътикофшин шоиста ин аст, ки машғул ба тоати Аллоҳ азза ва ҷалла аз намоз ва қироати Қуръон ва зикри Аллоҳ азза ва ҷалла бошад, зеро мақсади эътикоф ҳамин аст ва боке надорад, ки бо ёронаш каме суҳбат кунад, хоссатан вақте ки дар он суҳбат фоида бошад.

[1] Ривояти Бухорӣ, китоби эътикоф, боби эътикоф дар даҳ рӯзи охир, рақами (2027).

Бар эътикофшин ҳамхобагӣ ва муқаддимаҳои он ҳаром аст.

Аммо баромадани эътикофшин аз масҷид, олимон онро ба се қисм тақсим кардаанд:

**Қисми аввал:** Ҷоиз аст ва он ҳамон баромадан барои коре ки анҷоми он аз рӯи шариат ё табъ зарурӣ аст, монанди баромадан барои адои намози ҷумъа ва хӯрдан ва нӯшидан, агар касе набошад, ки онро барояш биёрад. Ва барои вузӯ ва ғусли воҷиб ва барои қазои ҳоҷати пешоб ва пасафканда баромадан инчунин мебошад.

**Қисми дуввум:** Ба хотири тоате баромадан, ки бар вай воҷиб нест, монанди айёдати бемор ва намози ҷаноза, пас агар дар ибтидои эътикофаш шарт гузошта бошад, баромадан ҷоиз аст вагарна ҷоиз нест.

**Қисми сеюм:** Ба хотири коре баромадан, ки шиканандаи эътикоф аст, монанди баромадан барои хона рафтан, харидорӣ кардан ва бо ҳамсараш ҳамхобагӣ кардан ва ҳамонанди ин, пас ин ҷоиз намебошад, на ба шарт ва на бешарт ҷоиз нест. Ва тавфиқдиҳанда Аллоҳ аст.

**ФЕҲРАСТ**

Саволи 392: Ҳикмат аз воҷиб будани рӯза чист?.....................5
Саволи 393: Инҷо касе аст ки бар пайвастани ҳамаи матолеъ ба матолеъи Макка нидо мекунад, аз рӯи кӯшиш кардан ба муттаҳид шудани уммат дар дохил шудани моҳи рамазони муборак ва ғайраш, пас назари ҷаноби шумо чист?..........................................................6
Саволи 394: Ҳаргоҳ шахси рӯзадор аз шаҳре ба шаҳри дигар рафт ва дар шаҳри аввал дидани моҳи Шаввол эълон карда шуд, оё аз рӯи пайравии онон ифтор мекунад, бо донистани ин ки мардуми шаҳри дуввум ҳануз моҳи Шавволро надидаанд?..................................................9
Саволи 395: Назари фазилати шумо оиди касе ки амалаш душвор аст ва рӯза гирифтан бар ӯ сахтӣ мекунад, чист, оё барои ӯ ҷоиз аст, ки рӯзаашро бихӯрад?..................................................................10
Саволи 396: Духтари хурдсоле ҳайз дидааст ва дар рӯзҳои ҳайз аз рӯи нодонӣ рӯза гирифтааст, пас бар ӯ чӣ чиз воҷиб мегардад?..................................................11
Саволи 397: Марде ба хотири касби хӯрокаи худ ва зердастонаш аз фарзандонаш рӯза нагирифт, пас ҳукми он чист?..................................................11
Саволи 398: Узрҳое, ки рӯза нагирифтанро мубоҳ мегардонад, чист?..................................................................12
Саволи 399: Марде шаби аввали моҳи Рамазон, пеш аз собит шудани моҳи Рамазон хоб рафт ва шаб нияти рӯзаро накард, аммо баъд аз

дамидани субҳ донист, ки имрӯз аз моҳи
Рамазон аст, пас дар монанди ин ҳолат
чӣ бояд кард? Оё он рӯзро қазо медорад?..................................14
Саволи 400: Инсоне ба хотири узре рӯзаро хӯрд
ва дар миёнаи рӯз, узр аз байн рафт, оё боқимондаи
рӯзро рӯза медорад?..............................................................................15
Саволи 401: Зане ба бемории бастагии рагҳои
хунгард гирифтор шуда ва табибон ӯро аз рӯза
доштан манъ кардаанд, пас ҳукми ин масъала чист?.........16
Саволи 402: Намози мусофир ва рӯзаи вай кай
ва чигуна мебошад?...............................................................................17
Саволи 403: Ҳукми рӯзаи мусофир бо вуҷуди
машаққат чист?.........................................................................................20
Саволи 404: Ҳукми рӯзаи мусофир бо ин ки
рӯза бар рӯзадор дар ин вақт аз рӯи зиёд
будани василаҳои нақлиёти нав душвор нест, чист?..........21
Саволи 405: Мусофир ҳаргоҳ ба Макка расад,
дар ҳоле ки рӯзадор буд, пас ба хотири қувват
гирифтан барои иҷрои ҳаҷҷи умра оё рӯзаро
мехӯрад?.......................................................................................................23
Саволи 406: Оё барои зани ширдеҳ ҷоиз аст,
ки рӯзаро бихӯрад? Ва кай қазо медорад?
Оё таом ҳам медиҳад?.............................................................................25
Саволи 407: Ҳаргоҳ рӯзадор бештари рӯзро
аз рӯи гуруснагӣ ва ташнагии сахт сусту заиф
гузаронад, оё ин дар дурустии рӯза таъсир
мерасонад?..................................................................................................25
Саволи 408: Оё ҳар рӯзе ки дар моҳи Рамазон

рӯза мегирад, эҳтиёҷ ба ният дорад, ё ин ки нияти
рӯза доштани ҳамаи моҳ кифоят мекунад?..............................26
Саволи 409: Нияти устувор барои ифтор кардан
бехӯрдан ва нӯшидан, оё рӯзаи рӯзадор ба сабаби
он мешиканад?......................................................................................26
Саволи 410: Ҳаргоҳ рӯзадор аз рӯи фаромушӣ
хӯрд чӣ ҳукм дорад? Ва касе ки рӯзадорро дар чунин
ҳолат мебинад, чӣ воҷиб мешавад?..........................................27
Саволи 411: Ҳукми сурма кашидан барои
рӯзадор чист?.........................................................................................28
Саволи 412: Мисвок ва хушбӯй кардан барои
рӯзадор чӣ ҳукм дорад?...................................................................29
Саволи 413: Фосидкунандаҳои рӯза чист?..................................30
Саволи 414: Пошидани давои нафастангӣ барои
рӯзадор чӣ ҳукм дорад? Оё рӯзаро мешиканад?.....................38
Саволи 415: Оё қай шиканандаи рӯза аст?.................................38
Саволи 416: Баромадани хун аз гушти дандони
рӯзадор рӯзаро мешиканад?.........................................................39
Саволи 417: Агар зани ҳоиз пеш аз субҳ пок шуд
ва пас аз дамидани субҳ ғусл кард, пас ҳукми
рӯзааш чист?.......................................................................................39
Саволи 418: Ҳукми кандани дандон барои
рӯзадор чист? Оё рӯзаро мешиканад?.........................................41
Саволи 419: Анализи хун барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад,
оё рӯзаро мешиканад?.........................................................................41
Саволи 420: Агар рӯзадор истимно кунад (берун
кардани манӣ беҳамхобагӣ), оё ба сабаби ин рӯзааш
мешиканад? Оё бар вай кафорат лозим мешавад?...............42

Саволи 421: Ҳукми бӯй кашидани хушбӯӣ барои рӯзадор чист?........................................................................42
Саволи 422: Фарқ байни бӯй кашидани бахур (хушбӯии дудшаванда) ва қатра чакондан чист, ки дар аввал рӯза мешиканад ва дар дуввум рӯза намешиканад?...........................................................42
Саволи 423: Чакондани қатраи бинӣ, чашм ва гуш чӣ ҳукм дорад?.......................................................................43
Саволи 424: Шахси рӯзадор эҳтилом шавад, оё рӯзааш дуруст аст?..........................................................44
Саволи 425: Худро сард кардани рӯзадор чӣ ҳукм дорад?.......................................................................44
Саволи 426: Агар рӯзадор мазмаза ё об дар бинӣ кард, пас об ба меъдааш дохил шуд, оё ба сабаби ин рӯзааш мешиканад?.....................................................................45
Саволи 427: Истеъмол кардани атр ва хушбӯӣ барои рӯзадор чӣ ҳукм дорад?...........................................45
Саволи 428: Оё хуни бинӣ рӯзаро мешиканад?.......................45
Саволи 429: Баъзе тақвимҳоро дар моҳи Рамазон мебинем, ки дар он як қисм хос ба номи худдорӣ аст ва онро даҳ дақиқа ё понздаҳ дақиқа пеш аз вақти намози бомдод гузошта шудааст, оё ин кор дар суннат асл дорад ё он а зҷумлаи бидъатҳост? Моро дар ин бора фатво диҳед, аҷрдода шавед.....................46
Саволи 430: Касе ки офтоб бар вай нишаст ва муаззин азон дод ва вай дар фурудгоҳ (аэропорт) бошад, пас ифтор кард ва баъди парвози ҳавопаймо офтобро дид, оё аз ифтор худдорӣ мекунад?..........................47

Саволи 431: Ҳукми фурӯ бурдани балғам ва
ё оби бинӣ барои рӯзадор чист?....................................................47
Саволи 432: Оё рӯза ба чашидани таом
ботил мешавад?.....................................................................................48
Саволи 433: Оё сухан кардани шахс ба сухани
ҳаром дар рӯзи Рамазон, рӯзаро фосид мекунад?.................48
Саволи 434: Шаҳодати дурӯғ чист? Оё рӯзаро
ботил мекунад?......................................................................................50
Саволи 435: Одоби рӯза чист?...........................................................50
Саволи 436: Оё инҷо дуои суннатӣ дар вақти ифтор аст?
Оё рӯзадор муаззинро мутобаат мекунад, ё дар ифтораш
идома медиҳад?.....................................................................................52
Саволи 437: Назари шумо дар рӯзаи шаш рӯзи моҳи
Шаввол бар касе ки қазо воҷиб аст, чист?...............................53
Саволи 438: Беморе дар моҳи Рамазон рӯзаашро хӯрд
ва чор рӯз пас аз даромадани моҳ фавтид, пас оё аз
тарафи вай рӯза қазо дошта мешавад?........................................54
Саволи 439: Марде ки бар вай як рӯзи моҳи Рамазон
монда аст ва онро қазо надоштааст, то ки бар вай
Рамазони дуюм медарояд, пас чӣ мекунад?............................55
Саволи 440: Дар рӯзаи шаш рӯзи моҳи Шаввол чӣ
тавр беҳтар аст?....................................................................................56
Саволи 441: Оё барои инсон ҷоиз аст, ки рӯзҳоеро,
ки аз моҳи Шаввол рӯза мегирад, интихоб кунад,
ё ин ки ин рӯзҳо вақти маълум доранд? Ва агар
мусалмон ин рӯзҳоро рӯза бигирад, оё бар вай
рӯза гирифтани  он дар ҳар сол фарз мегардад?....................56
Саволи 442: Ҳукми рӯзаи рӯзи Ошуро чист?...........................57

Саволи 444: Агар инсон як рӯз рӯзи дорад ва як рӯз ифтор кунад ва рӯзи рӯзааш ба рӯзи ҷумъа мувофиқ ояд, пас оё барояш ҷоиз аст, ки рӯзи ҷумъаро рӯза гирад ё не?.....59
Саволи 445: Рӯзаи висол чист? Оё он шаръӣ аст?.....59
Саволи 446: Иллати хос аз рӯзаи рӯзи ҷумъа манъ кардан дар чӣ аст? Оё ин манъ рӯзаи қазоро шомил мешавад?.....60
Саволи 447: Агар инсон рӯзаи нафлиро ба шиканандае аз шиканандаҳои рӯза фосид кунад, оё гунаҳгор мешавад? Агар ба ҳамхобагӣ рӯзаро фосид кунад, оё бар вай кафорат лозим мешавад?.....62
Саволи 448: Ҳукми эътикоф чист? Оё барои эътикофшин ҷоиз аст, ки барои баровардани ҳоҷат ва хӯрдан ва инчунин барои муолиҷа барояд? Ва суннатҳои эътикоф чист? Ва тарзи эътикофи дуруст аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам чигуна собит шудааст?.....62
Феҳраст.....66

Ба фазлу ёрии Аллоҳ тарҷумаи ин рисоларо шаби якшанбе соати 01:41 соли 1442 ҳиҷрӣ мувофиқи 2021 мелодӣ тамом кардам.

**✍ Ба қалами: ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ**